Пардохти андоз - баҳои тамаддуниятнокии ҷомеа

# Боҷу Хироҷ

№27 (1124)

Панҷшанбе, 5 июли соли 2018

E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Ҳафтанома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



## Ширкатҳои якрӯза – монеаи пешрафт

**Рушди иқтисодиёти ҳар як давлатро бе фаъолияти соҳибкорӣ, ташкили корхонаҳои нав тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ба иқтисодиёти давлат фаъолияти ширкатҳои бо ном «якрӯза» таъсири манфӣ мерасонанд.**



## Саҳлангорӣ дар пешниҳоди эъломияҳо

Аз шумораи умумии 56539 адад хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар вилоят 47767 адади онҳо барои соли 2018 ҳисоботи андози ягонаро пешниҳод намудаанд. Шумораи хоҷагиҳои деҳқоние, ки ба нозиротҳои андоз ҳисоботи андози ягонаро пешниҳод накардаанд, 8772 ададро ташкил медиҳад.

с. 9

ПРЕЗИДЕНТ



### СУХАНРОНИИ ҶАМЪБАСТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ҶАЛАСАИ ШӮРОИ МИЛЛИИ РУШД

с. 2

НАЗОРАТ

### НАТИҶАИ МУОИНАИ ХРОНОМЕТРАЖӢ



Гузаронидани муоинаи хронометражӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромади воқеии андозсупоранда ва манбаи андозбандишаванда анҷом дода мешавад.

с. 6

САНҶИШ

### НИШОНДОДИ НОДУРУСТ



Гурӯҳи кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди кӯчаҳои Р.Абдуллобеков, Ҷ.Расулов, Р.Набиев, Н.Ганҷавӣ ва Чортеппаи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе фаъолияти 169 андозсупоранда (аз он ҷумла, 63 шахси ҳуқуқӣ, 99 соҳибкори инфиродӣ ва 7 нафар шахси воқеӣ)-ро таҳти санҷиши амалиётӣ қарор дод.

с. 7

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

### ШВЕДСКИЕ НАЛОГИ: ЛЮБОВЬ С ОБЯЗАТЕЛЬСТВАМИ



Шведские налоги — одни из самых высоких в мире: граждане отдают государству в среднем от трети до половины доходов. Но при этом к налоговой службе здесь относятся с уважением и доверием.

с. 8

# Суханронии ҷамъбастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Шӯрои миллии рушд

**Муҳтарам аъзои Шӯро!**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҷаласаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасии ҷараёни татбиқи дусолаи ҳуҷҷатҳои стратегии кишварро дар ҳошияи ҳамоҳанг намудани Ҳадафҳои рушди устувор, ки аз ҷумлаи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи Рӯзномаи асри XXI ба ҳисоб мераванд, фаро гирифт.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ҳуҷҷати мукаммали дарбаргирандаи маҷмӯи ислоҳот барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи имкониятҳои мавҷудаи мамлакат буда, самтҳои рушди минбаъдаи кишварро дар шароити таъсири бевоситаи омилҳои дохиливу берунӣ инъикос менамояд.

Ҳадафҳои стратегии интихобшуда дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушди инсон равона шуда, мақсаду вазифаҳо дар он мушаххасу воқеъбинона ифода гардидаанд.

Афзалиятҳои асосии рушди кишвар дар давраи дарозмуҳлат масъалаҳои соҳаи маориф, тандурустӣ, шуғл, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасӣ ба ғизои хушсифат, истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани кишвар, мубориза алайҳи зуҳуроти коррупсионӣ, идоракунии самаранок, ҳифзи экология ва идоракунии равандҳои демографиро фаро мегиранд.

Ман дар тамоми чорабиниҳо зикр намудаам ва бори дигар изҳор медорам, ки Тоҷикистон аз оғози соҳибистиқлолии худ дар самти ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои байналмилалӣ "сиёсати дарҳои кушода"-ро эълон намуда буд ва ин иқдомро минбаъд низ идома хоҳад дод.

Мо дар доираи густариши ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо шарикони рушд тайи ду соли татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 тавассути амалӣ намудани Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардидем, ки чанде аз онҳоро ба таваҷҷуҳи шумо пешниҳод менамоям.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Ҷиҳати наздик шудан ба ин ҳадафи олӣ дар натиҷаи андешидани тадбирҳои муассир дар самтҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ муяссар гардид, ки сатҳи камбизоатӣ ва фақри шадид ба таври назаррас паст шуда, табақаи миёнаи аҳолӣ афзоиш пайдо намояд.

Соли 2017 сатҳи камбизоатӣ ба 29,7 фоиз расид, ки дар қиёс ба нишондиҳандаи соли 2015 аллакай 1,3 банди фоиз поён рафтааст. Фақри шадид бошад, тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалӣ 14 фоизро ташкил дода, табақаи миёнаи аҳолӣ аз рӯи арзёбии пешакӣ ба 24 фоиз баробар шуд. Чунин натиҷа дар асоси таъмини суръати баланди рушди иқтисодӣ дар сатҳи 7 фоизи солона ва афзоиши хароҷот ба бахши иҷтимоӣ ба даст оварда шуд.

Нишондиҳандаҳои мазкур ба идома ёфтани тамоюли беҳтар гардидани ҳолати демографӣ ва вазъи саломатии аҳолӣ мусоидат намуданд ва дар натиҷа нишондиҳандаи миёнаи дарозумрии аҳолӣ ба 73,5 сол баробар шуд (аз ҷумла, мардон 71,9 ва занон 75,7).

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки тамоюлҳои дар бахши тандурустӣ шаклгирифта ҳанӯз ноустувору пурихтилоф боқӣ мемонанд, ки ин бо сифати нисбатан пасти хизматрасонии тиббӣ, маблағгузории нокифояи бахши тандурустӣ ва сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳо марбут мебошад.

Дар самти мубориза бо бемориҳои сироятӣ пешравиҳои назаррас ба даст омадаанд. Динамикаи бемории сил ва вараҷа тамоюли устувори коҳишёбӣ дорад.

Ҳоло фарогирии хонандагон бо таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи нопурра (синфҳои 1-9, аз 7-сола то 15-сола) 97 фоизро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса бо нишондиҳандаи нақшавии барнома 3 банди фоизӣ зиёд аст.

Вале фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ дар сатҳи паст қарор дошта, соли 2017 ҳамагӣ 13,6 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба нишондиҳандаи нақшавӣ барои ҳамин сол 5,4 банди фоизӣ кам буда, нигаронкунанда боқӣ мемонад.

Барои татбиқи принсипҳои иқтисодиёти "сабз" дар Тоҷикистон истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ба роҳ монда шудааст ва дар ин самт сармоягузориҳо сурат гирифта истодаанд.

Бо вуҷуди захираҳои бузурги оби ошомиданӣ, масъалаи таъмини аҳолӣ бо ин захираи ҳаётан муҳим то ҳанӯз ҳалталаб боқӣ мемонад.

Инфрасохтори обтаъминкунӣ ва корезҳо фарсуда шуда, ба таҷдиду барқарорсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Яке аз омилҳои рушди назарраси иқтисодӣ дар Тоҷикистон афзоиши бемайлони маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ мебошад. Аммо таҳлили сохтори маблағгузории асосӣ аз рӯи шаклҳои моликият нишон медиҳад, ки маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ, асосан аз ҷониби давлат сурат гирифта, ҳаҷми сармоягузориҳои хусусии дохилӣ кам аст ва ҳанӯз ба омили воқеии рушди иқтисодиёт табдил наёфтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ду соли татбиқи ҳуҷҷати муҳимми стратегӣ маблағҳои буҷети давлатӣ сарчашмаи асосии маблағгузории пешбинишуда маҳсуб меёбанд ва қариб 80 фоизи ин маблағҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ равона шудаанд.

Бинобар ин, нақши сармоягузории давлатӣ барои рушди иқтисодии Тоҷикистон хеле муассир аст.

Дар баробари ин, маблағҳои шарикони рушд низ дар шакли қарзҳои имтиёзнок, грантҳо ва кумак ба самтҳои мухталифи иҷтимоиву иқтисодӣ равона шудаанд.

Ҳамзамон бо ин, бояд гуфт, ки ин сарчашма тибқи пешбиниҳои дар ҳуҷҷати стратегӣ дарҷгардида ба таври пурра истифода нашудааст. Бинобар ин, аз шарикони рушд хоҳиш карда мешавад, ки ҳиссагузории худро дар татбиқи ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон зиёдтар намоянд.

Тибқи таҳлилҳо ҳиссаи сармоягузории хусусӣ барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии кишвар ҳамагӣ 10 фоизро ташкил намудааст. Чунин ҳолат андешидани тадбирҳои иловагиро ҳам аз ҷониби Ҳукумати кишвар ва ҳам аз тарафи шарикони рушд тақозо менамояд.

Ҷиҳати иҷрои Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳамчун сарчашмаи асосии маблағгузорӣ дар давоми солҳои 2015-2017-ум 53,5 миллиард сомонӣ равона шудааст, ки мутаносибан аз рӯи солҳо тақрибан 33 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Далели муҳим он аст, ки қисми зиёди хароҷоти давлатӣ, яъне дар ҳаҷми 43,2 фоиз ба соҳаҳои таъминкунандаи рушди нерӯи инсонӣ равона гардидааст.

Ба соҳаи маориф дар ду соли татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 зиёда аз 9,2 миллиард сомонӣ (17,9 фоиз) сафарбар шудааст, ки 5,9 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Дар ин давра дар бахши маориф зиёда аз 45 ҳазор ҷойи нишаст муҳайё карда шуд.

Ба соҳаи тандурустӣ дар ҳамин давра 3,5 миллиард сомонӣ ва ба суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 8,5 миллиард сомонӣ маблағ сарф карда шуд.

Зимнан, барои таъмини истиқлолияти энергетикӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар давоми ин солҳо қариб 9,6 миллиард сомонӣ ва барои инфрасохтори нақлиётӣ бо мақсади раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон тақрибан 3 миллиард сомонӣ равона карда шудааст.

Дар самти энергетика иқтидорҳои нави истеҳсоли нерӯи барқ ва гармӣ, аз ҷумла марказҳои гармидиҳии Душанбе 1 ва 2 ба истифода дода шуда, ҳамзамон бо ин, марҳалаи якуми таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии "Норак", "Сарбанд" ва "Қайроқум" оғоз гардид.

Дар бахши нақлиёт таҷдиди роҳи Восеъ — Ховалинг, Сайрон -Қарамиқ, Душанбе — Турсунзода — сарҳади Ӯзбекистон ва бунёди қитъаи роҳи оҳани Ваҳдат — Ёвон ба итмом расида, сохтмони терминалҳои муосири Қулма, Гулистон, Панҷи Поён ва Бобоҷон Ғафуров, инчунин, таҷдиди роҳи мошингарди Душанбе — Бохтар, Хуҷанд — Исфара, Кӯлоб -Шамсиддини Шоҳин, Шкев — Қалъаихумб, Темурмалик — Балҷувон-Ховалинг идома дорад.

Тибқи нақшаҳои дурнамо бунёду таҷдиди роҳҳои мошингарду оҳан, нерӯгоҳҳои барқи обӣ, бунёди терминалҳо, ташкили долонҳои нақлиётӣ ва рушди инфрасохтори истеҳсоливу иҷтимоӣ пешбинӣ гардидаанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар марҳалаи нави рушд равона намудани кӯшишҳои ҳадафнок барои беҳтар гардонидани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ, пеш аз ҳама, бояд ба истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда афзалиятнок бошад.

Танҳо рушди соҳибкории истеҳсолӣ метавонад барои таъсиси ҷойҳои кори доимӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва тақвияти рақобатпазирии кишварамон дар дурнамо мусоидат намояд. Ҳукумати кишвар барои ноил гардидан ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст ва бо ин мақсад ислоҳоти низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии иқтисодиёт дар оянда низ муҳим арзёбӣ мегардад.

Итминони комил дорам, ки саҳми ҳар як фарди ҷомеа ва намояндагиҳои шарикони рушд дар ҳаллу фасли масоили вобаста ба амалигардонии ҳадафҳои стратегии кишвар ва афзалиятҳои муайянгардида дар ҳошияи Ҳадафҳои рушди устувор афзуда, иштироки онҳо дар раванди таъмини рушд ва баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолии мамлакат назаррас хоҳад буд.

Дар робита ба ин, ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо зарур аст, ки дар давоми солҳои 2018-2020 барои иҷрои барномаҳои таҳиягардида тадбирҳои муассир андешанд.

Илова бар ин, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо супориш дода мешавад, ки:

— бо мақсади омода намудани ҳисоботи солонаи сифатнок оид ба татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор, ҷалби коршиносон ва ҳамкорӣ бо шарикони рушд то охири соли ҷорӣ ҷадвали амалиёти барномаи мазкурро бо роҳи муайян намудани индикаторҳои фосилавӣ, натиҷавӣ ва арзёбӣ дар доираи соҳаҳо такмил диҳад;

— лоиҳаи Низомномаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти талаботи пешбининамудаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Ҳадафҳои рушди устувор дар таҳрири нав таҳия карда, тибқи тартиби муайянгардида дар муддати се моҳ барои тасдиқ пешниҳод намояд;

— бо мақсади муайян намудани сатҳи ҳамгироии барномаву стратегияҳои соҳавӣ бо ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар ва Ҳадафҳои рушди устувор якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор номгӯи нишондиҳандаҳои заминавиро таҳия намуда, барои татбиқи он чораҳои зарурӣ андешад;

— фаъолияти комиссияҳои байниидоравӣ ва гурӯҳҳои кориро дар доираи Шӯро ҷоннок намуда, дар такмили минбаъдаи роҳҳои татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар ва гузаронидани мониторинги доимии он аз тавсияҳои пешниҳодшуда ҳаматарафа истифода барад;

— барои дар соли 2019 омода намудани шарҳи фосилавии татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва замина гузоштан ба таҳияи марҳалаи дуюми татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чораҳои зарурриро роҳандозӣ намояд;

2) Ба котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии ҳамчун ҳамоҳангсози раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар супориш дода мешавад, ки ҳамоҳангсозӣ ва пайгирии ҷараёни амалӣ намудани ин ҳадафҳоро мунтазам таъмин намояд.

3) Агентии омори назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон:

— якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд механизми муайян намудани сатҳи табақаи миёнаро бо дарназардошти хусусиятҳои хоси кишвар таҳия карда, онро аз аввали соли 2019 татбиқ намояд;

— то 1 апрели соли 2019 якҷо бо вазорату идораҳои соҳавӣ ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои асосии Ҳадафҳои рушди устуворро, ки ба бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ дахл доранд, ба анҷом расонида, раванди милликунонии онҳоро таъмин ва барои таҳлил ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо манзур намояд.

5) Вазорату идораҳои соҳавӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе вазифадор карда мешаванд, ки дар ҷаласаҳои минбаъдаи Шӯрои миллии рушд ҷараёни амалишавии стратегияву барномаҳои соҳавӣ ва минтақавиро, ки пешбурди иқтисодиёти кишварро таъмин намуда, барои ноил шудан ба ҳадафу афзалиятҳои мамлакат мусоидат мекунанд, барои баррасӣ пешниҳод намоянд;

**Муҳтарам аъзои Шӯро!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар хотимаи сухан мехостам бо итминони комил изҳор намоям, ки дар раванди амалисозии минбаъдаи стратегия ва барномаи миёнамуҳлати рушд, ки самт ва афзалиятҳои рушди кишварро таҷассум менамоянд, нақши шарикони рушди Тоҷикистон бо ҳам назаррас хоҳад буд.

**Ба ҳар яки шумо саломативу барори кор орзу менамоям.**

**Ташаккур.**

# Суханронии Пешвои миллат,

## муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони вилояти Суғд

**Муҳтарам роҳбарону фаъолони вилояти Суғд!**

Вилояти Суғд яке аз минтақаҳои аз лиҳози иқтидори саноативу кишоварзӣ бузурги Тоҷикистон буда, бо дастгирии Ҳукумати мамлакат рушди бомароми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии он таъмин шуда истодааст.

Дар зарфи қариб 27 соли истиқлолияти давлатӣ дар вилоят беш аз 500 корхонаи истеҳсолӣ, 700 мактаби нав ва синфхонаҳои иловагӣ барои 165 ҳазор ҷойи нишаст ва 53 муассисаи соҳаи тандурустӣ сохта, ба истифода супорида шудааст.

Дар ин давра дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ беш аз 750 ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил гардидааст.

Дар замони истиқлолият аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ барои бунёду таҷдиди роҳҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ беш аз чор миллиард сомонӣ равона шудааст.

Илова бар ин, дар се соли оянда ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ зиёда аз 3 миллиард сомонӣ ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба маблағи сеюним миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида, соли 2017 ҳиссаи вилоят дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар 27 фоизро ташкил кардааст.

Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 32 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ 7 фоиз ва дар панҷ моҳи соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 9 ва 6 фоиз афзоиш ёфтааст.

Тайи солҳои 2017-2018 ба вилояти Суғд ба маблағи 2,1 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ворид гардида, асосан ба соҳаҳои саноати коркард, истихроҷи маъдан ва рушди соҳаи кишоварзӣ равона шудааст.

Аммо агар ба ин масъала аз нуқтаи назари талаботи замона баҳо диҳем, нишондиҳандаи мазкур ҳоло ҳам кам аст, ки фаъолияти бештар дар ин самт вазифаи асосии роҳбарияти вилоят ва раисони шаҳру ноҳияҳо мебошад.

Содироти мол аз вилоят дар зарфи солҳои 2000-2017 аз 109 то 505 миллион доллари амрикоӣ ё қариб 5 баробар афзоиш ёфтааст.

Аммо ин нишондиҳанда, бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда, ҳанӯз ҳам қонеъкунанда нест.

Қисми даромади буҷети маҳаллии вилоят дар соли 2017-ум 109 фоиз иҷро шудааст, вале иҷрои нақшаи андоз аз арзиши иловашуда таъмин нагардида, илова бар ин, ҳаҷми бақияпулии андоз то моҳи июни соли ҷорӣ ба 110 миллион сомонӣ расидааст.

Бақияи қарзи андоз бештар ба шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара, Истаравшан, Панҷакент ва ноҳияҳои Зафаробод, Мастчоҳ ва Бобоҷон Ғафуров рост меояд.

Чунин вазъ аз роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои зикршуда андешидани тадбирҳои иловагиро талаб мекунад.

Илова бар ин, зарур аст, ки барои истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ, кам кардани хароҷоти дуюмдараҷа, пешгирӣ намудани ҳолатҳои истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо, идораи самараноки амволи давлатӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ ва ба ин васила афзоиш додани ҳаҷми воридоти маблағ ба буҷет, пардохти сариваќтии музди меҳнат ва нафақа пайваста чораҷӯӣ карда шавад.

Дар натиҷаи санҷиши маҷмӯие, ки соли гузашта ва панҷ моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия доир ба ташаккул ва иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Истаравшан ва Ҷаббор Расулов гузаронида шудааст, ба маблағи 44 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор гардидааст.



Ҳамчунин, дар ин давра 756 ҷинояти коррупсионӣ ва ҷинояти иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва бо андоз алоқаманд ошкор карда шудааст, ки бештари онҳо ба шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Панҷакент, Исфара, Бобоҷон Ғафуров ва Деваштиҷ рост меоянд.

Ҳоло Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2016-2020 амалӣ шуда истодааст, ки дар доираи он таъсиси даҳҳо корхонаи нав ва ташкил намудани ҳазорҳо ҷойи нави кор, инчунин, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки ба афзудани иқтидори иқтисодӣ ва беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунанд, пешбинӣ гардидааст.

Дар барномаи мазкур татбиқи 188 лоиҳа ба маблағи беш аз 11 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст, вале то ба имрӯз ба ин самт ҳамагӣ 2 миллиард сомонӣ равона шудааст, ки ин хеле кам мебошад.

Аз ин лиҳоз, роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор карда мешаванд, ки дар ҳамкорӣ бо вазоратҳу идораҳои дахлдор, шарикони рушд ва бахши хусусӣ ҷиҳати дар муҳлатҳои муайяншуда ва бо сифати баланд амалӣ кардани корҳои дар барнома пешбинишуда тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Ҳукумати мамлакат тавассути татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва барномаҳои махсуси соҳавӣ масъалаҳои асосии иқтисодиву иҷтимоии вилоят, аз ҷумла сохтмону азнавсозии роҳҳо, таҷдиди низоми энергетикӣ, беҳтар гардонидани таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, бо воридоти технологияҳои муосир таъсис додани корхонаҳои нави истеҳсолӣ, ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва бунёди иншооти соҳаҳои маорифу тандурустиро зина ба зина ҳал карда истодааст.

Дар давоми панҷ соли охир дар вилоят татбиқи 21 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, кишоварзиву, обтаъминкунӣ, обёриву энергетика, нақлиёту хоҷагии коммуналӣ ба дигар бахшҳо идома ёфта, маблағи умумии азхудшуда се миллиард сомониро ташкил намудааст.

Бо дарназардошти он, ки бо оби босифати нӯшокӣ таъмин намудани аҳолӣ дар миқёси вилоят яке аз мушкилоти ҷиддӣ ба шумор меравад, чанд соли охир лоиҳаи сармоягузории "Барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳрҳои шимоли Тоҷикистон" дар ду марҳала татбиқ шуда истодааст.

Дар доираи лоиҳаи зикршуда барқарорсозӣ ва азнавсозии шабакаҳои обтаъминкунинии шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Исфара, Бӯстон, Гулистон, Истиқлол, Конибодом, Шаҳристон, Зафаробод, Истаравшан ва Панҷакент ба маблағи умумии 380 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Бар замми ин, то имрӯз ду марҳалаи лоиҳаи беҳтар намудани шабакаи обтаъминкунии шаҳри Хуҷанд дар ҳаҷми 150 миллион сомонӣ амалӣ гардида, татбиқи марҳалаи сеюми он ба маблағи зиёда аз 90 миллион сомонӣ идома дорад.

Инчунин дар вилояти Суғд 16 лоиҳаи кумаки беруна дар самти беҳсозии обтаъминкунӣ ба маблағи 32 миллион сомонӣ ба анҷом расонида шуда, 8 лоиҳаи дигар ба маблағи 80 миллион сомонӣ татбиқ шуда истодааст.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" вазифадоранд, ки бо сифати баланд иҷро гардидани лоиҳаҳои зикршуда, назорати истифодаи самараноки иншооти обрасонӣ ва техникаву таҷҳизотро таъмин намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Солҳои охир дар кишвар, аз он ҷумла дар вилояти Суғд дар самти коркарди ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулоти саноатии ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ даҳҳо корхонаи нави муҷаҳҳаз бо технологияҳои замонавӣ ба фаъолият оғоз кардааст.

Рӯзи 24-уми июн мо дар ноҳияи Айнӣ бунёди боз як корхонаи бузурги саноатиро оид ба истихроҷу коркарди сурма ва тилло оғоз бахшидем, ки дар сурати ба кор даромадани он то 1500 нафар сокинони кишвар бо ҷойи кори доимӣ таъмин шуда, иқтидори истеҳсолии Тоҷикистон хеле афзоиш хоҳад ёфт.

Бо мақсади ҷалби бештари сармоя ба соҳаи коркард ва истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода шуд, ки ҳоло дар он 13 субъект фаъолият мекунад.

Аз оғози фаъолияти минтақа 61 миллион сомонӣ сармояи мустақим ворид гардида, ҳамагӣ 430 ҷойи корӣ таъсис дода шудааст ва соли гузашта ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноативу хизматрасонӣ ва амалиёти воридоту содирот 80 миллион сомониро ташкил додааст, ки ин нишондиҳандаҳо қонеъкунанда нестанд.

Таъкид месозам, ки гарчанде фаъолияти минтақаи мазкур нисбат ба дигар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар беҳтар ба роҳ монда шудааст, вале ҳиссагузории он дар рушди истеҳсолоти саноатӣ, содирот ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба талабот ҷавобгӯ нест.

Аз ин рӯ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, роҳбарияти минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати бартараф намудани мушкилоту масъалаҳои дар фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" ҷойдошта чораҳои зарурӣ андешида, афзоиши ҳаҷми сармояи мустақими хориҷӣ, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти саноатии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда ва дар маҷмӯъ, фаъолияти самараноки минтақаро таъмин намоянд.

Соли 2017 афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят 132 фоиз таъмин гардида, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии мамлакат қариб 50 фоизро ташкил додааст.

Ин, албатта, натиҷаи хуб аст.

Лекин шумораи корхонаҳои дар вилоят фаъолияткунанда ва иқтидори истеҳсолии онҳо ҳанӯз ба ҳадафи стратегии саноатикунонии кишвар мувофиқат намекунад.

Бо вуҷуди он, ки соли 2017 ва панҷ моҳи соли ҷорӣ дар вилоят 62 корхонаи нави саноатӣ таъсис дода шудааст, вале шумораи умумии онҳо, ки соли 2016 ба 622 расида буд, ба ҳолати 1-уми июни соли 2018 25 корхона кам гардида, 12,5 фоизи корхонаҳо фаъолият накардаанд ва дар 21 фоизи онҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот кам шудааст.

Илова бар ин, 168 корхона фаъолияти худро бо зарари молиявӣ ва 82 корхона бо натиҷаи сифр ҷамъбаст кардааст.

Дар панҷ моҳи соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҳаҷми фондҳои асосии ба кор андохташуда 32 фоиз коҳиш ёфта, истеҳсоли калобаи пахтагин дар вилоят 60 фоиз, консерва 33 фоиз, орд 28 фоиз ва равғани растанӣ 12 фоиз кам шудааст, ки чунин вазъ ташвишовар мебошад.

Бинобар ин, раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, роҳбарони Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатиро зарур аст, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ҷойдошта, барқарор намудани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва содироти он, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, бо воридоти технологияҳои муосир бунёд намудани корхонаҳои саноатӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои иловагии кор чораҳои зарурӣ андешанд.

Вазифаи муҳимтарин дар ин самт аз он иборат аст, ки дар баробари афзун намудани ҳаҷми коркард ва истеҳсол, бояд дар навбати аввал, ба сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, афзоиш додани арзиши иловагии он ва таъсиси ҷойҳои кории пурмаҳсул эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Дар ин раванд, баланд бардоштани қобилияти рақобати маҳсулоти содиротии мо дар бозори хориҷӣ ва истифодаи васеи афзалиятҳои инноватсиониву истеҳсолии кишвар бояд аз ҷумлаи вазифаҳои калидӣ бошанд.

Зеро ин масъала шарти асосии рушд дар ҷаҳони муосир мебошад.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Боиси қаноатмандист, ки соли 2017 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ба истиснои ғалладонагӣ ва картошка афзудааст.

Вазифаи имрӯза аз он иборат аст, ки ҳосили зироатҳои кишоварзиро сари вақт ва беталаф ҷамъоварӣ карда, кишти такрории зироатҳо ҳарчи зудтар ба анҷом расонида шавад.

Дар баробари ин, боиси ташвиш аст, ки дар вилоят дар панҷ соли охир қариб 4 ҳазор гектар замин, аз ҷумла 3700 гектар замини обӣ аз гардиши кишоварзӣ берун мондааст, ки ин 38 фоизи заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмондаи кишварро ташкил медиҳад.

Ҳамаи шумо хуб медонед, ки ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои партову бекорхобида сарчашмаи иловагии афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъсиси ҳазорҳо ҷойи нави кор мебошад.

Бинобар ин, роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ва Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ вазифадор карда мешаванд, ки барои беҳдошти ҳолати мелиоративии заминҳо ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобидаву партов тадбирҳои мушаххас андешанд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки бо ҷалби соҳибкорони ватаниву хориҷӣ дар самти таъсиси корхонаву коргоҳҳои коркарди меваи аз лиҳози экологӣ тоза ва бандубасти он бо истифода аз технологияҳои ҳозиразамон, бунёди марказҳои логистикӣ ва сардхонаҳо бо мақсади афзоиш додани содироти чунин маҳсулот чораҷӯӣ карда шавад.

Тибқи маълумоти оморӣ дар вилоят дар панҷ соли охир қариб 10 ҳазор гектар боғҳои нав бунёд карда шудаанд. Аммо дар ин давра содироти меваи тар 25 фоиз ва меваи хушк 65 фоиз коҳиш ёфтааст.

Дар ҳудуди вилоят ҳамагӣ 15 корхонаи коркарди мева, аз ҷумла 13 корхона дар шаҳри Исфара фаъолият менамоянд.

Ҳаҷми истеҳсоли консерваи меваю сабзавот дар вилоят дар панҷ моҳи соли 2018 назар ба ҳамин давраи соли гузашта 33 фоиз ва содироти он 8 фоиз кам шудааст.

Истеҳсоли солонаи гӯшт бо вазни зинда ба ҳар як сокини вилояти Суғд 21 килограмм ва шир 100 килограмм рост меояд.

**(Давомаш дар саҳ.4)**

# Суханронии Пешвои миллат,

## муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони вилояти Суғд

(Аввалаш дар саҳ.3)

Чунин нишондиҳанда дар вилояти Хатлон мутаносибан 44 ва 150 килограмм мебошад.

Таъкид менамоям, ки гарчанде истеҳсоли маҳсулоти зикршуда дар вилоят сол ба сол афзуда истодааст, зарур аст, ки коркарди ҳарчи бештари он ба роҳ монда, сатҳи вобастагӣ аз воридоти чунин навъҳои маҳсулот пурра бартараф карда шавад.

Ҳоло дар вилоят ҳамагӣ 6 корхонаи истеҳсоли ҳасиб ва 11 корхонаи коркарди шир, аз ҷумла 7 корхона дар шаҳри Хуҷанд фаъолият менамояд, ки хеле кам аст.

Чанде пеш ман дар ҷаласаи Ҳукумати мамлакат, инчунин, ҳангоми мулоқот бо роҳбарону фаъолони вилояти Хатлон доир ба ҳалли масъалаҳои ҳалталаби соҳаи растанипарварӣ, чорводорӣ ва захираи хӯроки чорво, хусусан, дар шароити камобиву хушксолӣ ва омодагӣ ба зимистонгузаронӣ супоришҳои қатъӣ додам.

Аз ҷумла роҳбарони мақомоти иҷроияи марказиву маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти истифодаи самараноки замин, аз заминҳои обӣ гирифтани ду-се ҳосил, барқарор намудани заминҳои партов, чарогоҳҳо ва захира намудани хӯроки чорво вазифадор гардиданд.

Тавре ки медонед, имсол дар қисмати ҷануби кишвар хушксолӣ аст. Бинобар ин, мо бояд ҳар рӯзро барои беталаф ҷамъоварӣ кардани ҳосил, захираи маҳсулот, аз ҷумла хӯроки чорво ва омодагӣ ба зимистон самаранок истифода кунем.

Супоришҳои додашуда ба роҳбарону мутахассисон ва кишоварзону чорводорони вилояти Суғд низ дахл доранд.

Зарур аст, ки корҳо ҷиҳати амалӣ гардонидани барномаи давлатӣ оид ба беҳтар намудани ҳолат ва истифодабарии самараноки чарогоҳҳо, ташкили объектҳои инфрасохтори чарогоҳҳо, кишти навъҳои серғизои хӯроки чорво ва сари вақт ҷамъоварӣ кардану захира намудани хӯроки ширадор ва хошоки дурушт ҷоннок карда шаванд.

Ҳамчунин, бояд бо истифода аз тамоми имконияту захираҳои мавҷуда ба соҳаҳои чорводориву парандапарварӣ таваҷҷуҳи ҳарчи бештар зоҳир намуда, саршумори чорвои хушзоту сермаҳсул афзоиш дода шавад.

Таъкид менамоям, ки дар давоми соли гузашта ва панҷ моҳи соли ҷорӣ талафи саршумори паранда нисбат ба ҳамин давраи соли 2016 ва панҷ моҳи соли 2017 қариб ду баробар зиёд шудааст, ки ин ташвишовар буда, андешидани чораҳои таъхирнопазирро тақозо менамояд.

Бо мақсади ҳифзи амнияти озуқаворӣ, ки яке аз ҳадафҳои стратегии мо мебошад, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он бояд доир ба ташкили корхонаҳои коркарди гӯшту шир ва истеҳсоли хӯроки чорвою паранда тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Соҳаи кишоварзӣ на танҳо барои таъмини амнияти озуқаворӣ, балки ба афзоиши иқтидори содиротии кишвар низ мусоидат карда метавонад.

Вақте сухан доир ба афзоиши иқтидори содиротии кишвар меравад, бояд гуфт, ки бо вуҷуди ба 50 фоиз афзудани ҳиссаи вилоят дар ҳаҷми умумии содироти кишвар, соли 2017 ин нишондиҳандаи мусбат асосан аз ҳисоби содироти маъдан ва консентрат, масолеҳи сохтмон, калобаи пахтагин ва либосворӣ таъмин гардидааст.

Яъне сохтори содирот беҳбудиро тақозо менамояд.

Аз ин рӯ, роҳбарони вилоят, шаҳру ноҳияҳо, вазорату идораҳо ва сохтору мақомоти дахлдор бояд аз ҳоло доир ба ҳаллу фасли ин масъала, хусусан, ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ бо арзиши баланди иловашуда ва содироти он чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамчунин, таъкид месозам, ки имкониятҳои вилоят дар самти диверсификатсияи содирот ва афзоиши ҳаҷми он ҳанӯз хеле зиёданд ва барои азхудкуниву истифодаи онҳо масъулияти баланд ва қобилияти ташкилотчигии роҳбарону мутахассисон зарур аст.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар вилоят фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ҳамагӣ 15 фоиз ва якҷо бо марказҳои инкишофи кӯдакони синни томактабӣ 20 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳарчанд ки ин нишондиҳанда нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар беҳтар аст, вале онро қонеъкунанда ҳисобидан мумкин нест.

Чунки иҷрои Барномаи давлатии рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020 дар миқёси вилоят ҳамагӣ 12,5 фоиз таъмин гардида, дар ин давра аз 280 муассисаи пешбинишуда 35 муассисаи томактабӣ таъсис дода шудааст.

Илова бар ин, хотиррасон менамоям, ки мо соли 2016 бо мақсади рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2016-2020 таҳия ва тасдиқ намудем, ки санадҳои зикршуда ҳоло мавриди иҷро қарор доранд.

Тибқи нишондиҳандаҳои стратегия ва барномаи мазкур то соли 2020 фарогирии кӯдакони аз 3 то 6-сола ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бояд то 30 фоиз расонида шавад.

Аз ин лиҳоз, роҳбарони вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки ҷиҳати ноил шудан ба нишондиҳандаи мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

Вазъи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ ба таваҷҷуҳи ҷиддӣ ниёз дорад.

Тибқи маълумот ҳоло дар вилоят 46 муассисаи таълимии садамавӣ ва 228 муассисаи таъмирталаб мавҷуд буда, хонандагони 5 муассисаи таълимӣ дар ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ ва Мастчоҳ то ба ҳол дар вагонҳо таҳсил мекунанд.

Бинобар ин, бори дигар роҳбарони вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои онро вазифадор месозам, ки бо ҷалби сарчашмаҳои иловагии маблағгузорӣ, сафарбаркунии соҳибкорону шахсони эҳсонкор ва истифодаи нерӯи созандаи аҳли ҷомеа барои ҳарчи зудтар таъмиру азнавсозӣ кардани мактабҳо, бунёди синфхонаҳои иловагӣ ва таъмини шароити мусоиди таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ чораҳои фаврӣ андешанд.

Тибқи таҳлилҳо куҳнаву фарсуда шудани баъзе беморхонаҳо ва шабакаҳои гармидиҳии онҳо, норасоии нақлиёти ёрии таъҷилӣ ва нарасидани мутахассисон аз рӯи як қатор ихтисосҳо мушкилоти соҳаи тандурустии вилоят мебошад ва зарур аст, ки ҳарчи зудтар ҳаллу фасл карда шаванд.

Дар ҳудуди вилоят ҳамагӣ 3 таваллудхона ва 59 шуъбаи таваллудхона дар беморхонаҳои шаҳру ноҳияҳо мавҷуд аст.

Дар шаҳри Хуҷанд ду ва шаҳри Панҷакент як таваллудхона, ба шаҳрҳои Истаравшан 13 ва Исфара 7, ноҳияҳои Айнӣ 7, Ашт 8, Бобоҷон Ғафуров 6 шуъбаи таваллудхона фаъолият дорад.

Дар шаҳрҳои Панҷакент, Конибодом, Истиқлол, Бӯстон ва ноҳияҳои Шаҳристон, Ҷаббор Расулов, Спитамен, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Деваштич ҳамагӣ як шуъба вуҷуд дорад.

Дар вилоят шумораи занони аз синни 20 то 50 — сола зиёда аз 550 ҳазор нафарро ташкил дода, ба ҳар 10 ҳазор нафари онҳо 1 шуъбаи таваллудхона рост меояд. Илова бар ин, дар вилоят ҳар сол 20-25 ҳазор ақди никоҳ ба қайд гирифта мешавад.

Бинобар ин, роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадоранд, ки якҷо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, соҳибкорон ва шахсони саховатманд дар муддати се соли оянда доир ба бунёди таваллудхонаҳо ва беморхонаҳо бо шуъбаҳои махсус барои таваллуд дар шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку деҳоти вилоят чораҳои илоавагӣ андешанд.

Вилояти Суғд яке аз минтақаҳои ҷолиби сайёҳии кишварамон буда, бо мероси бойи таърихиву фарҳангӣ ва табиати нотакрор мавриди таваҷҷуҳи зиёди сайёҳони дохиливу хориҷӣ қарор гирифтааст.

Ҳукумати мамлакат дар доираи чорабиниҳои “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва таъмин намудани рушди инфрасохтори сайёҳӣ як қатор имтиёзҳоро муқаррар намуд, ки бо истифода аз онҳо дар панҷ моҳи соли ҷорӣ зиёда аз 40 ширкати нав ба бозори сайёҳии мамлакат ворид гардид.

Ҳоло шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар кишвар ба 120 расидааст, ки аз ин ҳисоб дар вилоят 24 ширкат фаъолият дорад.

Доир ба зарурати ташкили инфрасохтори муосири сайёҳӣ, рушди сайёҳии таърихиву фарҳангӣ ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ман дар суханрониҳои худ дар шаҳрҳои Истаравшан, Конибодом ва ноҳияи Шаҳристон таъкид намудам.

Чунин мавзеъҳо дар ҳудуди вилоят хеле зиёданд ва танҳо роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бояд дар ин самт чораҳои амалӣ андешанд.

Шумораи сайёҳони хориҷие, ки танҳо дар панҷ моҳи соли равон ба кишвари мо омадаанд, ба зиёда аз 900 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта қариб чор баробар зиёд мебошад. Аз ин шумора беш аз 600 ҳазор нафари онҳо тавассути вилояти Суғд ба кишвар ворид шудаанд.

Бо вуҷуди торафт афзудани шумораи сайёҳон тадбирҳои дар ин самт андешидашуда ҳанӯз кофӣ нестанд.

Чунончи, то ҳол дар шаҳру ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Бӯстон, Шаҳристон, Ашт ва Бобоҷон Ғафуров, ки дорои захираҳои бойи сайёҳӣ мебошанд, ягон ширкати сайёҳӣ фаъолият намекунад.

Аз ин лиҳоз, роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он якҷо бо Кумитаи рушди сайёҳӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд ҷиҳати ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ, омода намудани мутахассисони забондон ва ба талаботи замона ҷавобгӯйи соҳа тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ҳамзамон бо ин, зарур аст, ки бо дарназардошти барои сайёҳон торафт ҷолиб гардидани минтақаи Осиёи Марказӣ, беҳтар шудани низоми раводид ва шароити рафтуомад дар ин минтақа ҷиҳати таъсиси хатсайрҳои нави сайёҳӣ ва густариши ҳамкориҳо бо шарикони хориҷӣ барои ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон чораҷӯӣ намоянд.

Махсусан, ба рушди сайёҳии дохилӣ низ аҳаммияти калон додан зарур аст.

Илова бар ин, бунёди меҳмонхонаҳо ва дигар иншооти инфрасохторӣ дар шафати роҳҳо, инчунин, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим буда, метавонанд ҳазорҳо нафар аҳолии кишварро, махсусан, дар деҳот бо шуғл таъмин намоянд.

Тавре ки дар суханронии худ дар шаҳри Истаравшан иброз намудам, танҳо дар ҳудуди Қалъаи Муғ барои зиёда аз сесад нафар ҳунармандон ҷойи кор муҳайё кардан мумкин аст.

Мақсади мо аз эълони Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ низ, дар навбати аввал, аз ҳамин иборат буд.

Дар робита ба ин, боз як масъалаи муҳимро хотирнишон месозам.

Муаррифии фарҳангу одоби миллӣ ба меҳмонону сайёҳон аз дарвозаҳои кишвар, яъне гузаргоҳҳои сарҳадиву гумрукӣ оғоз мешавад.

Кормандони гумрук, сардорону масъулони гузаргоҳҳои сарҳадӣ ин нуктаро набояд ҳаргиз фаромӯш кунанд.

Онҳо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошанд, ки намояндаи миллати соҳибмаърифату тамаддунсози тоҷик мебошанд.

Тавре медонед, ба шарофати маҷмӯи санадҳое, ки моҳи марти соли ҷорӣ дар ҷараёни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон ба имзо расиданд, дар муносибатҳои ду халқи бародар, яъне тоҷикон ва ӯзбекҳо саҳифаи нави таърихӣ оғоз гардид.

Аслан робитаҳои гуногунҷанбаи байни тоҷикону ӯзбекҳо дар заминаи таҷриба ва муносибатҳои дарозмуддате, ки дар масири таърих ба миён омадаанд, асос ёфтаанд.

Айни замон ба туфайли иродаи роҳбарияти ду давлати ба ҳам дӯст дар таърихи ҳамкориҳои мо марҳалаи нав оғоз гардидааст, ки манфиатҳои ду халқи бародарро ифода мекунад.

Мо бояд дар оянда барои халқҳоямон фазои боз ҳам мусоиди дӯстиву самимият ва ҳамдигарфаҳмиву ҳамкории васеъро фароҳам оварем.

Ҳоло ҳар ду ҷониб барои расидан ба сатҳи сифатан нави ҳамкориҳо, яъне шарикии стратегӣ кӯшишҳои муштаракро анҷом дода истодаанд.

Яке аз қадамҳои аввалини ҷиддӣ дар ин самт бартараф намудани ҳамаи монеаҳое буд, ки тӯли ду даҳсолаи охир ба таври сунъӣ пайдо шуда буданд.

Итминон дорам, ки мо бо азму талоши муштарак баояндаи неку пурсамари робитаҳои дӯстонаамон, рушди кишварҳоямон ва ҷиҳати боз ҳам наздик сохтани халқҳоямон дар заминаи арзишҳои созанда муваффақ мегардем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Суғд бо кишвари дӯсту бародари Ӯзбекистон сарҳади тӯлонӣ дорад ва таҳкими робитаҳо бо ҳамсояи наздиктаринамон, пеш аз ҳама, ба манфиати сокинони вилоят мебошад.

Ҳоло гузаргоҳҳои сарҳадӣ кушода шуда, садҳо ҳазор нафар шаҳрвандони кишварҳои мо озодона ба дидорбинии хешу ақрабо ва ёру дӯстони худ ё барои меҳмониву саёҳат рафтуомад доранд.

Соҳибкорону тоҷирон низ бояд аз ин имконияти фароҳамшуда васеъ истифода бурда, робитаҳои байниҳамдигариро таҳким бахшанд, аз таҷрибаи ҳамдигар омӯзанд ва онро барои пешрафти фаъолияти ҳаррӯзаи худ ба кор баранд.

Дар ҷараёни сафари ҷавобии мо ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон намоиши маҳсулоти саноатии истеҳсоли Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Вобаста ба ин, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав, роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва корхонаҳои саноатӣ супориш дода мешавад, ки ба чорабинии зикршуда аз имрӯз сар карда, ҳамаҷониба ва ҷиддӣ омодагӣ бинанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯз ҷаҳон дар вазъияти ниҳоят ноорому печида қарор дорад.

Терроризму ифротгароӣ дар минтақаву кишварҳои гуногуни олам рӯз ба рӯз доман густурда, боиси ба ҳалокат расидани хазорон нафар аҳолии осоишта ва сарсону овора шудани миллионҳо одамони бегуноҳ гардидааст.

Дар чунин шароити мураккаб ба роҳ мондани корҳои пешгирикунандаву фаҳмондадиҳӣ бо мардум, алалхусус, дар байни ҷавонон ниҳоят муҳим мебошад ва дар ин ҷода дар қатори кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, роҳбарону фаъолони шаҳру ноҳияҳо, шаҳраку деҳот, падару модарон, аҳли маориф, зиёиён, ходимони дин ва ҳар фарди солимфикри ҷомеа масъулият доранд.

Вале тавре ки аз маълумоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бармеояд, дар ҳудуди вилоят тайи як солу панҷ моҳи охир қариб 8700 ҷиноят, аз ҷумла 500 ҷинояти хусусияти экстремистиву террористидошта ошкор карда шудааст, ки назар ба солҳои қаблӣ хеле зиёд мебошад.

Дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои фаврию ҷустуҷӯӣ 275 нафар аъзои ҳизбу ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, 715 нафар, ки чунин ҷиноят содир кардаанд, дар ҷустуҷӯ қарор доранд.

Онҳо сокинони шаҳру ноҳияҳои Исфара 154 нафар, Истаравшан 134, Ашт 83, Спитамен 57, Хуҷанд 48, Панҷакент 46, Бобоҷон Ғафуров 39, Ҷаббор Расулов 27, Конибодом 26, Мастчоҳ 22, Зафаробод 20, Бӯстон 15, Истиқлол 13 ва Деваштич 9 нафар мебошанд.

Вазъи зикршуда бисёр ташвишовар буда, онҳое, ки ба чунин кирдорҳои нангин даст мезананд, номи неки миллати тоҷик, аз ҷумла мардуми соҳибмаърифати вилояти Суғдро доғдор месозанд.

То имрӯз аз 715 нафар ҷавононе, ки дар муассисаҳои таълими динии хориҷи кишвар ғайриқонунӣ таҳсил мекарданд, 687 нафарашон ба Ватан баргардонида шудаанд.

Ҳанӯз 81 нафар сокинони вилоят дар хориҷи кишвар қарор доранд.

Аз ҷумла, аз шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 17 нафар, Хуҷанд 13, Ашт 10, Исфара 9, Конибодом 9, Панҷакент 7, Мастчоҳ 7, Бобоҷон Ғафуров 4 ва Кӯҳистони Мастчоҳ 2 нафар мебошанд.

Бинобар ин, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, падару модарон ва фаъолонро зарур аст, ки ҷиҳати ба Ватан баргардонидани шахсоне, ки дар муассисаҳои таълими ба ном

# Суханронии Пешвои миллат,

## муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони вилояти Суғд

динӣ ғайриқонунӣ таҳсил менамоянд ё дар амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо иштирок мекунанд, чораҷӯӣ намоянд.

Дар ин маврид аз имтиёзҳои қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани шахсоне, ки ихтиёран аз иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо даст кашидаанд, васеъ истифода бурда шавад.

Гарчанде солҳои охир дар қаламрави вилоят сатҳи умумии содиршавии ҷиноятҳо ва дигар қонунвайронкуниҳо тамоюли пастравӣ дорад, вале содиршавии як қатор ҷиноятҳо, аз ҷумла одамкушӣ ва сӯиқасд ба он, дуздиву ғоратгарӣ, қаллобӣ, сохтакории ҳуҷҷатҳо ва тасарруфи воситаҳои нашъаовар афзоиш ёфта истодаанд.

Содиршавии ҷинояти махсусан вазнин, яъне куштор дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 20, Истаравшан 17, Конибодом 12, Хуҷанд –10, Исфара 9, Панҷакент 7, Ҷаббор Расулов 6, Ашт 8, Спитамен 7 ва Деваштич 6 ҳолат ба қайд гирифта шудааст.

Дар зарфи се солу панҷ моҳи охир 267 ҷинояти вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воводи мухаддир ба қайд гирифта шуда, аз муомилоти ғайриқонунӣ қариб як тонна маводи нашъаовар мусодира гардидааст.

Кормандони мақомоти марбута вазифадоранд, ки фаъолияти худро доир ба пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳои бо маводи мухаддир алоқаманд боз ҳам тақвият бахшанд.

Дар ин давра аз тарафи 464 нафар ноболиғон содиркунии қариб 1500 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки 390 ҳолати онро авбошӣ ва дуздӣ ташкил медиҳад.

Тибқи таҳлилҳо ҳолати истифодабарии замин дар ҳудуди вилоят то ҳанӯз ташвишовар боқӣ монда, дар ин самт қонунвайронкуниҳои зиёд, ба монанди ҳолатҳои ишғоли худсарона ё ғайриқонунӣ ҷудо намудани қитъаҳои замин, бе баррасӣ мондани муроҷиатҳо вобаста ба ин масъала, инчунин, пешгирӣ накардани ҳолатҳои аз гардиши кишоварзӣ берун мондан ё истифодаи ғайримақсадноки замин ба қайд гирифта шудаанд.

Танҳо дар соли 2017 ва панҷ моҳи соли ҷорӣ 427 ҷинояти вобаста ба худсарона ишғол намудани қитъаи замин, фурӯш ва сохтмони ғайриқонунӣ дар он ба қайд гирифта шудааст.

Аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Ашт 48, Истаравшан 44, Хуҷанд 40, Бобоҷон Ғафуров 39, Спитамен 35, Деваштич 33, Панҷакент 21, Исфара 19, Шаҳристон 17 ва Конибодом 16 ҳолат ба қайд гирифта шудаанд.

Ҳол он, ки дар замони истиқлолият бо қарорҳои Ҳукумати мамлакат ба аҳолии эҳтиёҷманди шаҳру ноҳияҳои вилоят 38 ҳазор гектар замин тақсим карда дода шудааст, ки дар натиҷа беш аз ду миллион нафар одамон, яъне аҳолии қариб як вилоят шароити манзили худро беҳтар кардаанд.

Аз ин рӯ, бори дигар ба сохтору мақомоти дахлдор, махсусан, мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Кумитаи сохтмон ва меъморӣ, роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо хотирнишон месозам, ки ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд ва барои пешгирӣ кардани қонунвайронкуниҳо дар ин самт тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Таҳлили риояи қонунгузорӣ дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим нишон медиҳад, ки дар ин самт низ қонуншиканиҳои зиёд ба қайд гирифта шудаанд.

Тайи се солу панҷ моҳи охир 658 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ ва 388 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шудаанд.

Қонунвайронкуниҳо дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Истаравшан, Исфара, Конибодом ва Панҷакент бештар ошкор гардидаанд.

Вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” низ қонеъкунанда нест. Барои аз тарафи падару модарон ва омӯзгорон иҷро нагардидани уҳдадориҳои тарбиявӣ, таълимӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ноболиғон зиёда аз 3700 парвандаи маъмурӣ ва барои монеъ шудан ба гирифтани маълумоти ҳатмии умумии асосӣ нисбат ба падару модарон 59 парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, шахсони гунаҳгор бо ҳукми суд маҳкум карда шудаанд.

Яке аз масъалаҳое, ки имрӯз дар кишвар, аз ҷумла вилояти Суғд боиси ташвиши ҷиддӣ гардидааст, паҳншавии бемории вируси норасоии масунияти одам (СПИД) мебошад.

Ҳамчунин, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят зиёда аз 1100 нафар гирифторони бемории нашъамандӣ ба қайди махсус гирифта шудаанд, ки шумораи бештари онҳо сокинони шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 347 нафар, Панҷакент 205, Истаравшан 109, Исфара 96 ва Бобоҷон Ғафуров 90 нафар мебошанд.

Қариб 1000 нафар шахсони гирифтори бемории нашъамандӣ одамони синну соли қобили меҳнат, яъне аз 35 то 59 — солаанд.

Фикр мекунам, ки дар вазъи зикршуда, аз ҷумла доир ба риояи қонунияту тартибот ягон шахси солимфикр — аз роҳбарону кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ то раисони шаҳру ноҳияҳо, шаҳраку деҳот, падару модарон, зиёиён ва аҳли маориф набояд бетараф бошанд.

Ҳадафи мо аз фароҳам овардани ҷойҳои нави кор, бунёди толору майдонҳои варзишӣ ва ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим, пеш аз ҳама, гирифтани пеши роҳи қонуншиканӣ, нашъамандӣ, дигар амалҳои номатлуб, яъне таъмини волоияти қонун мебошад.

Итминон дорам, ки роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он барои рафъи камбудиву мушкилоти зикргардида ва ноил шудан ба нишондиҳандаҳои боз ҳам беҳтари рушд, инчунин, ба хотири таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Президенти кишвар ва қарорҳои Ҳукумати мамлакат, амалӣ намудани Барномаи рушди иқтисодиву иҷтимоии вилоят барои солҳои 2016-2020 фаъолияти хешро вусъат бахшида, то ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон нақшаҳои тарҳрезикардаи худро бо сифати баланд амалӣ менамоянд.

Хусусан, зарур аст, ки тавассути воридоти технологияҳои замонавӣ доир ба рушди соҳаҳои саноат, аз ҷумла саноати коркарди маҳсулот, азхудкунии заминҳои нав ва муҳайё кардани ҷойҳои нави корӣ мунтазам чораҷӯӣ карда шавад.

Ҳамчунин, вазифаи роҳбарони ҳар як шаҳру ноҳия ва ташкилоту муассисаҳо аз он иборат аст, ки аз ҳоло барои омодагӣ ба фасли тирамоҳу зимистон тамоми тадбирҳои зарурииро анҷом диҳанд.

Яъне зарур аст, ки ба масъалаи омода кардани мактабу беморхонаҳо ва дигар муассисаҳои иҷтимоӣ, захираи маҳсулоти ғизоӣ ва сӯзишворӣ эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Ҳозирини арҷманд!

Чанд рӯз пештар ман супориш додам, ки ҷашни Ваҳдат ду сол баъд, яъне моҳи июни соли 2020 дар ноҳияи Мастчоҳ доир карда шавад. Роҳбарияти вилоят ва ноҳия, вазорату идораҳо ва дигар сохтору мақомот бояд аз ҳозир барои дар сатҳи баланди омодагӣ гузаронидани ин ҷашн корҳои ободониву созандагиро вусъат бахшанд.

Истиқлолияти давлатии кишварамон барои мо неъмати бисёр азизу гаронбаҳо аст.

Бинобар ин, мо бояд аз имрӯз омодагии ҷиддиро ба таҷлили арзандаи сиюмин солгарди он оғоз намуда, ин ҷашни муқаддаси миллиамонро бо заҳмати содиқонаву пурсамар, нишондиҳандаҳои баланди иқтисодиву иҷтимоӣ ва ободу зебо намудани ҳар як гӯшаи Ватани биҳиштосоямон пешвоз гирем.

Дар ҷаласаи Ҳукумати мамлакат рӯзи 27 апрели соли ҷорӣ ба аъзои Ҳукумат, роҳбарони ҳамаи вазорату идораҳо, сохтору мақомоти давлатӣ, вакилони мардумӣ, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, шаҳраку деҳот ва ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, супориши қатъӣ додам, ки то ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон корҳои созандагиву ободониро дар тамоми қаламрави кишвар ҳамаҷониба густариш бахшанд.

Дар давоми се соли дарпешистода зарур аст, ки дар ҳар як маҳалли аҳолинишин, шаҳраку деҳот ва деҳаҳои калон бунёд ва таъмиру азнавсозии муассисаҳои томактабӣ, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, марказҳои саломатӣ бо таваллудхонаҳо барои на камтар аз 10-15 кат ва ҳуҷраҳои махсус барои анҷом додани хатна, бунгоҳҳои тиббӣ, майдончаҳои варзишӣ вусъат дода шавад.

Инчунин, бунёди китобхонаву ҳаммомҳо бо сартарошхонаву кошонаи ҳусн, боғу гулгаштҳо ва ҷойҳои сайру истироҳати оммавӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла коргоҳҳои дӯзандагӣ, истеҳсоли маснуоти ҳунарҳои мардумӣ, бо оби босифати ошомиданӣ таъмин намудани аҳолии деҳаҳо, таъмири роҳи байни деҳаҳо ва умуман, ҳамаи маҳалҳои аҳолинишин, шинонидани ниҳолҳо ва бунёди боғҳои нав аз ҷумлаи корҳои ободоние мебошанд, ки ба истиқболи ин ҷашни бузурги миллӣ анҷом дода шаванд.

Хотирнишон месозам, ки дар се соли оянда ҳисоботи раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва аъзои гурӯҳҳои корие, ки бо амри Президенти кишвар ба шаҳру ноҳияҳо вобаста шудаанд, доир ба иҷрои корҳои зикршуда мунтазам талаб карда мешавад.

Бовар дорам, ки дар ин кори хайр мардуми заҳматқарину соҳибмаърифати вилояти Суғд ва ҳар яки шумо — роҳбарону фаъолони шаҳру ноҳияҳо минбаъд низ пешсафу намуна хоҳед буд.

## ҶАЛАСА

**Дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи кории назди муовини якуми Раиси Кумитаи андоз Аюбҷон Солеҳзода баргузор гардид, ки дар он масъалаи азнавбаҳисобгирии объектҳои молу мулк, маълумоти иҷорадиҳандагони молу мулк дар барномаҳои компютерии СИА, баҳисобгирии андозҳои шахсони воқеӣ ва раванди маъмурикунонии андозии онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

# Вазъи нигаронкунанда

Муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода нахуст моҳияти Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 05.06.2018, №240 «Доир ба қатъ намудани истифодабарии расид ҳамчун ҳуҷҷати ҳисоботаш қатъии шакли 3 Ф», ки тавассути расиди мазкур кормандони ваколатдори ҷамоатҳои деҳоти шаҳру ноҳияҳо маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқулро ҷамъоварӣ менамуданд, фаҳмонида, доир ба пурра қатъ шудан истифодабарии онро аз санаи 01.06.2018 дар мақомоти ҳудудии андоз таъкид намуд. Ӯ гуфт, ки мақсад аз пурра қатъ намудани истифодабарии расиди мазкур, нахуст пешгири кардани ҳолатҳои коррупсионӣ аз байн бурдани қонуншиканиҳо ва роҳ надодан ба мушкилиҳои нигаронкунанда дар мақомоти ҳудудии андоз, ба шумор меравад.

**ОМӮЗИШ**

**ВА БАРРАСИИ ДУРУСТИИ РАФТИ ВОРИД НАМУДАНИ МАЪЛУМОТ БА МАХЗАНИ МАЪЛУМОТ НИШОН ДОД, КИ НОЗИРОТҲОИ АНДОЗИ НА ҲАМАИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО МАЪЛУМОТРО ДУРУСТ ВА СИФАТНОК БА БАРНОМАИ КОМПЮТЕРӢ ВОРИД НАМУДААНД.**

Қайд шуд, ки кормандони ваколатдори ҷамоатҳои деҳот аз беэътиноии кормандони мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати ҷамъоварии маблағи андозҳо аз молу мулк дар маҳалҳо тавассути пули нақд тибқи расиди мазкур истифода карда, ба қонуншиканиҳо даст задани онҳо оварда расонид.

Дар ҷаласа, инчунин, қайд гардид, ки яке аз сабабҳои пурра дар мақомоти ҳудудии андоз мавриди истифода қарор нагирифтани барномаи компютерии СИА «Баҳисобгирии андозҳо-шахсони воқеӣ» ин то ҳол дар барномаи мазкур пурра ворид накардани маълумоти баҳисобгирифташуда ва то ба охир нарасонидани раванди азнавбаҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулк ба шумор меравад.

Тибқи маълумот ба ҳолати 01.06.2018 дар вилояти Хатлон ҳамагӣ 56,2 фоизи объектҳои молу мулки шахсони воқеӣ таҳти азнавбаҳисобгирӣ қарор дода шуда, рафти воридкунии маълумот ба барнома мутаносибан 87,9 фоиз ё 204376 ададро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳо аз рафти гузаронидани азнавбаҳисобгирӣ дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, маълум сохт, ки шумораи объектҳои ба махзани маълумоти Кумитаи андоз дохилгардида 62,2 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда ғайри қобили қабул буда, масъулияти бештарро дар беҳтар сохтани фаъолияти корӣ тақозо мекунад.

Дар идомаи ҷаласа самти дигари фаъолият, ки назорати он ба шуъбаҳои ташкили андозбандӣ дар нозироти андози шаҳру ноҳияҳо вогузор шудааст, мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Новобаста аз таъкидҳои пайвастаи Кумитаи андоз ва ирсоли мактубҳои дастурию назоратӣ раванди бақайдгирӣ ва дохил намудани маълумоти шахсони воқеие, ки ҳамчун иҷорадиҳандаи молу мулк дар нозироти андоз ба қайд гирифта шудаанд, дар сатҳи зарурӣ қарор надорад. Мувофиқи маълумот ба ҳолати 01.06.2018 дар вилояти Хатлон аз шумораи умумии иҷорадиҳандагони бақайдгирифташуда маълумоти 1630 адад ё 63,0 фоиз, дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1626 адад ё 58,0 фоизи иҷорадиҳандагон ба махзани маълумоти барномаи компютерии СИА «Доир ба маъмурикунонии андозҳо» дохил карда шудааст.

Омӯзиш ва баррасии дурустии рафти ворид намудани маълумот ба махзани маълумот нишон дод, ки нозиротҳои андози на ҳамаи шаҳру ноҳияҳо маълумотро дуруст ва сифатнок ба барномаи компютерӣ ворид намудаанд. Масалан, ҳангоми дохил намудани маълумотҳо нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз шумораи умумии объектҳои ба барнома дохилшуда дар 2804 ҳолат маълумотро нопурра ворид намудаанд ва ё умуман ворид накардаанд. 54 ҳолати сабт нагардидани ному насаби иҷорагиранда, 144 ҳолати масоҳати ворид нагаштани молу мулки баиҷорададашуда, 1887 ҳолати қайд нашудани объектҳои баиҷорададашуда дар барнома ошкор карда шуд.

Умуман, аз ҳисоби ҳамаи объектҳои молу мулк 2122 ҳолат дар барнома сабт нашудааст, ки аз ин 38 ҳолати ному насаби иҷорагиранда, 622 ҳолати РМА, 334 ҳолати масоҳати молу мулки ба иҷорадодашуда, 33 ҳолати суроғаи объекти ба иҷорадодашуда ва 1094 ҳолати номгӯи объектҳои ба иҷорадодашуда мебошад.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

**НАЗОРАТ**

# Натиҷаи муоинаи хронометражӣ

**Тибқи талаботи моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагони кишвар давоми як сол як маротиба гузаронида мешавад. Гузаронидани муоинаи хронометражӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромади воқеии андозсупоранда ва манбаи андозбандишаванда анҷом дода мешавад.**



Тавре дар Нозироти андози шаҳри Кӯлоб гуфтанд, дар давоми 5 моҳи соли 2018-ум аз ҷониби кормандони андоз бо мақсади муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда дар фаъолияти 30 андозсупоранда, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст. Тавре аз маълумотҳо бармеояд, соҳибкорони инфиродӣ то давраи тахти муоинаи хронометражӣ қарор доштан манбаи андозбандишавандаро мустақилона дар як моҳ ба маблағи 246,4 ҳазор сомонӣ нишон медоданд, ки аз ҳақиқат дур буд. Масоҳати объекти андозбандишавандаи соҳибкори инфиродии шаҳри Кӯлоб Файзулло А., ки 36 метри мураббаъро ташкил медиҳад, тахти муоинаи хронометражӣ қарор дода шуд. Номбурда пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади маблағи худро дар як моҳ 8000 ҳазор сомонӣ ба мақомоти андоз нишон медод. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ аз ҷониби кормандони андоз манбаи андозбандишавандаи соҳибкор муайян гардид. Муайян шуд, ки даромади маблағи андозсупоранда дар як моҳ 12000 сомониро дар бар мегирад, ки аз ҳисоботи пешниҳоднамудаи соҳибкор 4000 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Ба ҳамин монанд, дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Алиаҳмад Холов, муоинаи хронометражӣ гузаронида шуд. Номбурда дар ҳисоботе, ки ба мақомоти андоз пешниҳод кардааст, даромади умумии худро дар як моҳ 6150 сомонӣ нишон додааст.

**ҲАНГОМИ**

**ГУЗАРОНИДАНИ МУОИНАИ ХРОНОМЕТРАЖӢ МАБЛАҒИ УМУМИИ ДАРОМАДИ АНДОЗСУПОРАНДА 10 ҲАЗОРУ 920 СОМОНИРО ТАШКИЛ ДОД, КИ НИСБАТИ ҲИСОБОТИ ПЕШНИҲОДКАРДАИ СОҲИБКОР 6920 СОМОНӢ ЗИЁД АСТ.**

Пас аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ, тавре муайян гардид, даромади умумии ин андозсупоранда дар давоми як моҳ 7800 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбати ҳисоботи пешниҳодкардаи худи ӯ 1650 сомонӣ зиёд аст. Кормандони нозироти андози шаҳри Кӯлоб нисбати соҳибкор бо моддаи 604 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протокол тартиб дода, ӯро ба маблағи 500 сомонӣ ҷарима бастанд. Ҳамчунин, соҳибкор Абдусалом Собиров даромади якмоҳаи худро ба андозаи 2667 сомонӣ нишон додааст. Ӯ ҳисоботи бардурӯғро ба мақомоти андоз пешниҳод кардааст. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ маълум гардид, ки даромади воқеии андозсупоранда дар як моҳ 7380 сомониро ташкил медиҳад, ки аз ҳисоботи пешниҳод кардаи соҳибкор 4713 сомонӣ зиёд мебошад. Номбурда бо моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 1250 сомонӣ ҷаримабандӣ гардид. Соҳибкори дигари шаҳри Кӯлоб М. Яқубов даромади умумии худро дар ҳисобот ба нозироти андоз дар як моҳ ба маблағи 4000 ҳазор сомонӣ пешниҳод мекард. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ маблағи умумии даромади андозсупоранда 10 ҳазору 920 сомониро ташкил дод, ки нисбати ҳисоботи пешниҳодкардаи соҳибкор 6920 сомонӣ зиёд аст. Кормандони нозироти андоз нисбати ин амалӣ ношоистаи соҳибкор тибқи моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протокол тартиб дода ба маблағи 4000 ҳазор сомонӣ ҷарима таъин карданд. Маблағҳое, ки пеш аз муоинаи хронометражӣ дар ҳисоботҳо аз тарафи соҳибкорон пешниҳод карда мешуд, 246 ҳазору 404 сомониро дар бар мегирифт. Баъди санҷиши муоинаи хронометражӣ маблағи мазкур 481 ҳазору 817 сомониро ташкил дод, ки фарқ 235 ҳазору 413 сомонӣ зиёд мебошад. Ҳамчунин, натиҷаи муоинаи хронометражӣ нишон додааст, ки гардиши мол дар як моҳ 481,8 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбати манбаи андозбандишавандаи андозсупорандагон 235,2 ҳазор сомонӣ зиёд аст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

**Рушди иқтисодиёти ҳар як давлатро бе фаъолияти соҳибкорӣ, ташкили корхонаҳои нав тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ба иқтисодиёти давлат фаъолияти ширкатҳои бо ном «якрӯза» таъсири манфӣ мерасонанд.**

# Ширкатҳои якрӯза – монеаи пешрафт



Дар робита ба ин масъала, сардори Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсулло Кабирзода қайд намуд, ки “иқтисоди ғайрирасмӣ” қисмати пинҳонӣ ва ё мушоҳиданашавандаи иқтисоди миллист, ки аз фаъолияти молиявии субъектҳои хоҷагидор таркиб ёфтааст. Он бояд тибқи тартиби муқарраргардида ба ҳисоб гирифта шаванд, вале бо сабабҳои номаълум он дар иқтисодиёти давлат ба ҳисоб гирифта намешавад.

Умуман, яке аз категорияҳои иқтисодиёти ғайрирасмӣ ин фаъолияти иқтисодии як гурӯҳ субъектҳои хоҷагидоре, ки бо сабабҳои номаълум ва дигар омилҳои мавҷуда, амалиётҳои анҷомдодаи онҳо аз ҷониби мақомоти андоз ба омор пурра ба ҳисоб гирифта намешавад. Чунин субъектҳо бо мақсади канораҷӯӣ аз пардохти маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ, бо ҳар роҳу восита кӯшиш менамоянд, ки ба мақомоти андоз ва омор қасдан маълумоти таҳрифшуда ва нодурустро пешниҳод намуда, дар ҳисобдории муҳосибӣ дар ҳаҷми пурра амалиётҳои молиявии анҷомдодаи худро ифшо насозанд. Пурра нишон надодани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасониҳо, шумораи кормандони кироя ва фонди музди меҳнати онҳо, дуруст ба роҳ намондани ҳисобу китоби аниқи захираҳои мавҷуда, аз будаш зиёд нишон додани хароҷоти тарҳшаванда, пурра нишон надодани даромади умумӣ, кам нишон додани болонархии таҳвили молҳои воридотӣ ва ғайраҳо асоси кори чунин ширкатҳои ғайрирасмист.

Чунин субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ бо мақсади пинҳон намудани даромади андозбандишаванда ва пурра ба қайд нагирифтани амалиётҳои анҷомдодаи худ дар мақомотҳои андоз, гумрук ва омор, ҳангоми фаъолият амалиётҳои худро бо воситаи ширкатҳои ба ном “якрӯза” ба расмият медароранд ва ё бо чунин ширкатҳо ҳамкорӣ менамоянд, ки дар натиҷа омили мазкур боиси дар иқтисодиёт афзоиш ёфтани ҳиссаи “иқтисоди ғайрирасмӣ” гардида, дар натиҷа, на ҳама фаъолияти молиявии хоҷагидории чунин субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар қайди мақомотҳои дахлдори давлатӣ гирифта мешаванд.

Таҳлилҳо фаъолияти ширкатҳои “якрӯза”-ро вобаста ба амалиётҳое, ки анҷом медиҳанд, ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд. Гурӯҳи якум, дар мақомоти гумрук ҳангоми ворид гардидани молҳо аз ҷониби субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, бо гирифтани “фоизи муайян” молҳои онҳоро бо номи худ ба расмияти гумрукӣ медароранд. Гурӯҳи дуввум, дар дохил бо мақсади аз будаш зиёд нишон додани хароҷоти тарҳшавандаи андози фоида ва бесос дар эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб гирифтани маблағҳои баҳисобгирифташаванда, ки боиси ба буҷет кам пардохт гардидани маблағи андози мазкур аз ҷониби корхонаҳо ташкилотҳо мегардад, ба онҳо бе амалан анҷом додани иҷрои кор, хизматрасонӣ ҳисобнома-фактураҳои ААИ-ро низ бо гирифтани фоизи муайян, ҳамчун ҳақ, пешниҳод менамоянд, мебошад.

**БАЪЗЕ ШАХСОН**

**БО МАҚСАДИ МУФТ ВА БО ТАВРИ ҒАЙРИҚОНУНӢ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ДАРОМАД БО КУШОДАНИ КОРХОНАВУ ТАШКИЛОТҲОИ АЛОҲИДАИ БА НОМ “ЯКРӮЗА” БА ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ МАШҒУЛ ГАРДИДА, АМАЛИЁТҲОИ МОҲИЯТИ ИҚТИСОДӢ НАДОШТАРО АМАЛӢ МЕНАМОЯНД.**

Баъзе шахсон бо мақсади муфт ва бо таври ғайриқонунӣ ба даст овардани даромад бо кушодани корхонаву ташкилотҳои алоҳидаи ба ном “якрӯза” ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардида, амалиётҳои моҳияти иқтисодӣ надоштаро амалӣ менамоянд, ки ин аз як тараф агар боиси беасос пайваста дар назди буҷети давлатӣ ҳақдор гардидани худи онҳо гардад, аз дигар тараф, ин дар ҳаҷми пурра ба андозбандӣ ҷалб нагардидани амалиётҳои андозбандишавандаи дигар субъектҳое, ки амалан фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамоянд, мегардад.

Шамсулло Кабирзода натиҷаи корҳои таҳлиливу назоратии мақомоти андозро амали саривақтӣ медонад. Ӯ мегӯяд, ки чунин шахсон ҳангоми ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидани молҳо, молҳои дигар шахсонро бо додани боваринома ба номи ширкатҳои худ ба расмият дароварда истода, аз як тараф ба иқтисодиёти пинҳонӣ машғул гардидани корхонаву ташкилотҳои дигари воқеан амалкунанда мусоидат намуда истодаанд. Ин боиси дар ҳаҷми пурра нишон надодани даромади умумӣ ва пинҳонкунии манбаъҳои андозбандишаванда мегардад. Худи чунин ширкатҳои “якрӯза” низ, амалиётҳои воридотие, ки ба номи онҳо ба расмият дароварда мешавад, бо ҳар роҳу восита дар ҳисобот нишон надода, аз пешниҳоди эъломияҳо ва ҳисобу пардохти андозҳо саркашӣ намуда истодаанд. Чунин субъектҳо дар эъломияҳои андоз, аз ҷумла, эъломияҳои ААИ таҳвили минбаъдаи молҳои воридотии ба номи худ ба расмият гумрукӣ даровардаро пурра ва ё умуман нишон намедиҳанд.

Вобаста ба фаъолияти гурӯҳи дуюми ширкатҳои “якрӯза” метавон гуфт, ки баъзеҳо худро ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда дар мақомоти андоз ба қайд гирифта, дар асл амалиёти андозбандишавандаи андоз аз арзиши иловашударо анҷом намедиҳанду ҳисобнома - фактураи қалбакии андоз аз арзиши иловашударо ба қабулкунандагони молҳои худ пешниҳод менамоянд, ки ин боиси вайрон гардидани тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз арзиши иловашуда гардида, аз ҷониби харидорони молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои онҳо дар эъломияҳои ААИ ва эъломияи андоз аз фоида маблағҳои ҳисобшудаи ин намуди андоз беасос кам карда мешавад.

Мутобиқи талаботи зербанди б) банди 51) моддаи 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати аз ҷониби андозсупорандагон бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда пешниҳод намудани ҳисобнома - фактураи андоз аз арзиши иловашуда, ба расмият даровардани воридоти молҳои дигар субъектҳо ба номи худ, набудани шартномаҳо бо шарикони хориҷӣ (субъектҳои хориҷии содиркунандагони ин молҳо) ва ҷой надоштани ҳуҷҷатҳои бонкии тасдиқкунандаи интиқоли маблағҳо ба шарикони хориҷӣ, чунин андозсупорандагон ба номгӯйи “Андозсупорандагони бемасъулият” дохил карда мешаванд.

Бинобар ин, бо мақсади пешгирӣ намудани ҳама гуна қонуншиканиҳои соҳаи андоз аз ҷониби корхонаву ташкилотҳое, ки амалиётҳои моҳияти назарраси иқтисодинадоштаро анҷом медиҳанду молҳои дигар андозсупорандагонро бо додани боваринома бо номи худ ба расмияти гумрукӣ медароранд, дар мақомоти андоз номгӯйи критерияҳои (хавфҳои) муайян намудани андозсупорандагоне, ки ба номгӯи ширкатҳои ба ном “якрӯза” дохил карда мешаванд, муайян гардида, барои маҳдуд намудани хизматрасонии электронии барномаҳои компютерии СИА барои чунин субъектҳо ҳамчун, асос қабул карда мешаванд. Вобаста ба ин, мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани корҳои таҳлиливу назоратӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, аз критерияҳои (хавфҳои) муайянгардида истифода намуда, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҳама гуна қонуншиканиҳои соҳаи андоз аз ҷониби чунин субъектҳо чораҷӯӣ менамоянд ва ҷиҳати маҳдуд намудани хизматрасонии электронии барномаҳои компютерии СИА барои онҳо чораҷӯӣ менамоянд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# Нишондоди нодуруст



**Гурӯҳи кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди кӯчаҳои Р.Абдуллобеков, Ҷ.Расулов, Р.Набиев, Н.Ганҷавӣ ва Чортеппаи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе фаъолияти 169 андозсупоранда (аз он ҷумла, 63 шахси ҳуқуқӣ, 99 соҳибкори инфиродӣ ва 7 нафар шахси воқей)-ро таҳти санҷиши амалиётӣ қарор дод.**

Тавре роҳбари Гурӯҳи корӣ - сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, муоинаи хронометражӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Маҳмадраҷабзода гуфт, онҳо ҳангоми санҷиши амалиётӣ дар ҳудуди кӯчаҳои дар боло зикршуда бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани андозсупорандагон, бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намудани коргарони кироя, кам нишон додани даромади андозбандишаванда, риоя накардани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, №210 “Дар бораи тартиби истифодабарии мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ”-ро ошкор карданд ва нисбати андозсупорандагоне, ки дар фаъолияташон ба қонунвайронкуниҳо роҳ додаанд, протоколҳои маъмурӣ тартиб дода, барои ислоҳи камбудиҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ гузарониданд. Инчунин, тибқи тартиби муқарраргардида коргарони кироя дар Нозироти андоз дар ноҳияи Сино ба қайд гирифта ва бо шартномаҳои меҳнатӣ таъмин карда шудаанд. Ҳангоми гузаронидани санҷиши амалиётӣ нисбати андозсупорандагони таҳти санҷиш қарордодашуда, ба маблағи 654,8 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб карда шуда, пардохти 419 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

А.Маҳмадраҷабзода қайд кард, ки дар рафти санҷиш нисбати 44 андозсупоранда барои вайрон кардани қонунгузории андоз ба маблағи 136,0 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудаасту пардохти 93,5 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст. Инчунин, 7 андозсупоранда расман бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ, 12 нафар андозсупоранда бо Китоби бақайдгирии санҷишҳо таъмин гардиданду дар фаъолияти 10 андозсупоранда мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) муҷаҳҳаз насб карда шудааст.

Санҷиши амалиётӣ нишон дод, ки баъзе андозсупорандагон манбаъҳои андозбандишавандаро дар ҳисоботашон пурра дарҷ накардаанд. Масалан, вақте фаъолияти ҶДММ «Шафоат 2013» (роҳбараш Шавкатҷон Маматқулов), ки ба истеҳсол ва фурӯши ҳасиб машғул будааст, таҳти санҷиши амалиётӣ қарор гирифт, муайян шуд, ки дар фаъолияти ҷамъият ҳанӯз моҳи декабри соли 2016 аз тарафи кормандони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе санҷиши маҷмӯии андоз гузаронида шуда будааст. Дар натиҷа, ба маблағи 60,2 ҳазор сомонӣ бо дарназардошти ҷарима ва фоизҳо кам ҳисоб намудани андозҳо ошкор карда шудааст.

Гурӯҳи корӣ, инчунин, дар фаъолияти ҶДММ «Азм Плюс», ки ба истеҳсоли обҳои ранга машғул буд, санҷиши амалиётӣ гузаронида, муайян кард, ки ҷамъият дар муддати 3 моҳ ҳисоботи андозии худро ба нозироти андоз тариқи сифрӣ пешниҳод намудааст. Дар натиҷа, нисбати андозсупоранда ба маблағи 2,5 ҳазор сомонӣ протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст. Инчунин, аз манбаи 80,0 ҳазор сомонӣ андози иловагӣ ҳисоб карда шудааст.

Дар рафти гузаронидани санҷиши амалиётӣ Гурӯҳи корӣ муайян намуд, ки соҳибкори инфиродӣ Анора Қодирова ҳамчун андозсупоранда дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аммо ӯ ба ҳолати 01.05.2018 дар назди буҷет 23,1 ҳазор сомонӣ қарздор будааст. Дар рафти гузаронидани санҷиши амалиётӣ муайян гардид, ки номбурда дар кӯчаи Чортеппаи ноҳияи Сино нуқтаи нигоҳдории молу маҳсулот ташкил намуда, ба хариду фурӯши маҳсулоти ширинӣ ва қоғази ташноб машғул мебошад. Ӯ инчунин, дар деҳаи Коммунаи Ҷамоати деҳоти Т.Тӯйчиеви шаҳри Турсунзода ба истеҳсол ва фурӯши шириниҳо ва қоғази ташноб машғул буда, дар ҳисоботи андоз шумораи коргарони кирояро 6 нафар бо фонди музди меҳнат дар як моҳ 4,2 ҳазор сомонӣ ва даромади андозбандишавандаро ба ҳисоби миёна дар як моҳ 19,6 ҳазор сомонӣ нишон додаасту андозҳои ҳисобшударо то инҷониб бо баҳонаи фаъолият надоштан ба маблағи 23,1 ҳазор сомонӣ ба буҷет пардохт накардааст. Дар натиҷа, бо таъсири Гурӯҳи корӣ А.Қодирова бақияи қарзи андозро ба маблағи 23,1 ҳазор сомонӣ ба буҷет пурра пардохт намуд.

Ҳамзамон, санҷиши амалиётӣ муайян кард, ки 10 нафар шахси воқей бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидаанд, ки дар натиҷа, нисбати 7 нафари онҳо бо дасрасии моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 9,5 ҳазор сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ (аз ҷумла 8 нафар бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ ва 2 нафар бо патент) таъмин шуданд.

## САНҶИШИ

**АМАЛИЁТӢ МУАЙЯН КАРД, КИ СОҲИБКОР 9 НАФАР КОРГАРИ КИРОЯРО МУДДАТИ 4 МОҲ БЕ ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ БА КОР ҶАЛБ НАМУДА, АНДОЗҲОРО АЗ МАНБАИ 28,0 ҲАЗОР СОМОНӢ ПАРДОХТ НАКАРДААСТ.**

Дар рафти гузаронидани санҷиши амалиётӣ 7 ҳолати аз ҷониби андозсупорандагон дар ҳисобот нишон надодани 35 нафар коргари кироя ва кам нишон додани музди меҳнат ошкор карда шудааст, ки нисбати ин субъектҳо аз манбаи 132,6 ҳазор сомонӣ фонди музди меҳнат, 50,4 ҳазор сомонӣ (аз ҷумла, андоз аз даромад 17,2 ҳазор сомонӣ ва андози иҷтимоӣ 33,2 ҳазор сомонӣ) андозҳои барилова ҳисоб шуда, аз тарафи онҳо мустақилона эъломияи иловагии андоз пешниҳод гардид. Дар натиҷа, пардохти 50,4 ҳазор сомонӣ ба буҷет таъмин ва коргарони кироягии бе шартномаи меҳнатӣ ошкоргардида, тибқи тартиби муқарраргардида дар нозироти андоз ба қайд гирифта шуданд.

Мисол, соҳибкори инфиродӣ Восит Мансуров дар ноҳияи Сино бо ҷалби 20 нафар коргари кироя ба фаъолияти истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти қаннодӣ машғул буда, дар ҳисоботи андозии худ 11 нафар коргари кирояро дарҷ намудааст. Санҷиши амалиётӣ муайяйн кард, ки соҳибкор 9 нафар коргари кирояро муддати 4 моҳ бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намуда, андозҳоро аз манбаи 28,0 ҳазор сомонӣ пардохт накардааст. Дар натиҷа, нисбати соҳибкор ба маблағи 10,6 ҳазор сомонӣ (аз ҷумла 3,6 ҳазор сомонӣ андоз аз даромад ва 7,0 ҳазор сомонӣ андози иҷтимоӣ) андозҳо барилова ҳисоб карда шуда, аз ҷониби соҳибкор мустақилона ба нозироти андоз эъломияи иловагӣ пешниҳод гардид. Алҳол, андозҳои ҳисобшуда пурра ба буҷет пардохт карда шудаанд. Ҳамзамон, нисбати соҳибкор ба маблағи 9,0 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб додаю маблағи ҷаримаи маъмурӣ ба буҷет ворид карда шуд.

Ба ҳамин монанд, Баҳром Муминов бо ҷалби 18 нафар коргари кироя ба фаъолияти истеҳсол ва фурӯши шириниҳо машғул буда, музди меҳнати коргарони кирояи ӯ ба ҳисоби миёна 800 сомониро ташкил додаанд. Дар рафти санҷиш муайян гардид, ки номбурда 6 нафар коргари кирояро зиёда аз 3 моҳ бе бастани шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб карда, аз музди меҳнати пардохтнамуда андозҳои дахлдорро ба буҷет таъмин накардааст. Дар натиҷа, нисбати соҳибкор аз манбаи 26,9 ҳазор сомонӣ фонди музди меҳнат ба маблағи 10,2 ҳазор сомонӣ (аз ҷумла; 3,4 ҳазор сомонӣ андоз аз даромад ва 6,7 ҳазор сомонӣ андози иҷтимоӣ) андозҳои иловагӣ ҳисоб карда шуд. Инчунин, аз манбаи 196,0 ҳазор сомонӣ нисбати номбурда ба маблағи 9,8 ҳазор сомонӣ андози низоми содакардашуда ҳисоб карда шуд. Аз ҷониби андозсупоранда мустақилона эъломияи иловагии андоз пешниҳод ва маблағҳои ҳисобшуда ба буҷет пардохт гардид.

Ғайр аз ин, Гурӯҳи корӣ муайян кард ки аз ҷониби баъзе андозсупорандагон талаботи моддаҳои 38-39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, таҳти №210 “Дар бораи тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ” ба пуррагӣ риоя намешавад. Аз тарафи Гурӯҳи корӣ 16 ҳолати риоя нагардидани тартиби истифодабарии МНХ ошкор карда шудааст. Нисбати ин субъектҳо бо дастрасии моддаҳои 614 ва 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 54,0 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода, дар фаъолияти 10 нафар андозсупоранда МНХ-и дорои ТИЭ насб карда шуд.

Масалан, дар фаъолиятҳои ҶДММ “Технохим”, ки ба истеҳсол ва хариду фурӯши масолеҳи сохтмонӣ, соҳибкори инфиродӣ Маҳмадамин Муротов, ки ба фаъолияти истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ ва ҶДММ “Кашгар Нункер”, ки ба истеҳсол ва фурӯши обҳои ташнашикан машғул будаанд, муайян гардид, ки номбурдагон тартиби истифодабарии МНХ –ро дуруст ба роҳ намонда буданд. Аз ин хотир, нисбати онҳо бо дастрасии талаботи моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи аз 4,0 ҳазор сомонӣ то 9,0 ҳазор сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, маблағи ҷаримаи маъмурӣ ба буҷет пардохт гардид.

Фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ Манижа Абдуғафорова, ки ба истеҳсол ва фурӯши шириниҳо ва Зебунисо Собирова, ки ба истеҳсол ва фурӯши турбаҳои пластмасӣ машғул мебошанд, таҳти санҷиши амалиётӣ қарор гирифтанд. Муайян гашт, ки соҳибкорон даромади андозбандишавандаро дар ҳисоботи андоз кам нишон додаанд. Дар натиҷа, нисбати онҳо низ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуд.

**Бо вуҷуди сабукиву имтиёзҳои пешниҳодшуда дар фаъолияти баъзе андозсупорандагон ҳанӯз ҳам камбудиву қонунвайронкуниҳои андоз мушоҳида мегардад. Аз ин рӯ, андозсупорандагонро зарур аст, ки барои такмил додани дониши касбии худ талош варзанд ва дар фаъолияташон зинҳор ба камбудиҳо роҳ надиҳанд.**

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Дар Душанбе маросими ифтитоҳи «Биржаи фондии Осиё» баргузор гардид

**Дар толори МД «Душанбе Плаза» маросими расмии ифтитоҳи ҶСК «Биржаи фондии Осиё» бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо, бонкҳо, воситаҳои ахбори омма, доираҳои тиҷоратӣ ва беш аз 200 нафар соҳибкор аз Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузор гардид.**

Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Неъматулло Ҳикматуллозода дар маросими мазкур зикр кард, ки ба фаъолият оғоз намудани «Биржаи фондии Осиё» дар доираи рушди муносибатҳои шарикона байни Тоҷикистон ва Чин қадами муҳим буда, барои баромадан ба иқтисоди ҷаҳон, ҷалби сармояи хориҷӣ тибқи анъанаву қоидаҳои ҷаҳони муосир ба муомилот баровардани коғазҳои қиматноки ширкату корхонаҳои ватанӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

Кушодашавии «Биржаи фондии Осиё» яке аз самтҳои амалисозии лоиҳаи «Азнавсозии Шоҳроҳи абрешим, як камарбанд – як роҳ» буда, мақсад аз таъсиси он рушди инфрасохтор ва фазои сармоягузории кишварҳои дар Шоҳроҳи абрешим ҷойгир маънидод карда мешавад.

Рушди муносибатҳои шариконаи босамар байни Тоҷикистону Чин яке аз ҳадафҳои стратегӣ дар сатҳи давлатӣ пазируфта шудааст.

Зимни сафари корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар музофоти Хэнани Ҷумҳурии Мардумии Чин иброз доштанд, ки «шарикии густурдаи тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, дастгирии ҳамдигар ва татбиқи муштараки лоиҳаҳои мутақобилан судманд бояд чун самтҳои афзалиятноки ҳамкории минтақавӣ боқӣ монанд».

Мутобиқи «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» нишондиҳандаҳои рушди устувори мамлакат бояд ташаккули фаъолияти иқтисодӣ ва сармоягузориро дар минтақаи Осиё ба инобат гиранд.

Бо дарназардошти ҳадафҳои рушди сармоягузорӣ ва саноатикунонии кишвар, васеъ намудани имкониятҳои ҷалби сармояи хориҷӣ тавассути маркази муҷаҳҳази муосир иқдоми бамаврид мебошад.

Бояд гуфт, нахустин Биржа дар Тоҷикистон бо иқдоми якҷояи сармоягузорони ватанӣ ва ширкати бритониягии GMEX ҳанӯз соли 2015 бо номи «Биржаи фондии Осиёи Марказӣ» ифтитоҳ ёфтааст. Дар муддати се соли фаъолият Биржаи мазкур ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид. Аз ҷумла, баста шудани Созишномаи ҳамдигарфаҳмӣ байни Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ва Биржаи фондии Қатар, Биржаи фондии Арманистон ва Биржаи фондии Тошканд аз муваффақиятҳои Биржаи фондии Осиёи Марказӣ дониста мешавад.

# Шведские налоги: любовь с обязательствами

**Шведские налоги — одни из самых высоких в мире: граждане отдают государству в среднем от трети до половины доходов. Но при этом к налоговой службе здесь относятся с уважением и доверием.**

**Шведы – одни из самых исправных налогоплательщиков. Опросы общественного мнения демонстрируют, что многие согласились бы платить и еще больше налогов, если потребуется. Национальный опрос 2016 года показал, что налоговая служба в Швеции занимает третье место по популярности — среди без малого тридцати основных государственных ведомств. Шведы доверяют государству и его институтам — это подтверждают многочисленные исследования общественного мнения. В чем причина такой симпатии к госструктуре, забирающей почти половину заработка, а то и больше? В уважении к закону? Отчасти, но не только.**

## Сколько налогов платят шведы?

Если спросить шведа и россиянина, какие у них зарплаты, они ответят на этот вопрос принципиально по-разному. И дело здесь не в сумме заработка, а в том, как он считается. В Швеции принято озвучивать зарплату брутто, то есть, сумму до уплаты налогов. В России же чаще всего, называя зарплату, говорят о сумме, получаемой на руки после уплаты налогов.

Налоги в Швеции платят все работающие граждане. Однако ставки и размер налоговых выплат зависят от ряда факторов: возраста налогоплательщика, муниципалитета, где тот зарегистрирован, общей суммы заработка, типа трудоустройства – наемный работник или частный предприниматель, — и других. Действует общее правило: те, кто зарабатывает больше, заплатят больше и в налоговую казну.

Налог состоит из двух частей: местного (коммунального) и государственного сборов. Ставка местного налога в среднем варьируется от 29% до 35% в зависимости от коммуны. Исторически сложилось так, что в коммунах с праволиберальным правлением налоги существенно ниже, чем в коммунах, где у власти левые партии. Те, кто зарабатывает в год меньше 443 200 крон, должны заплатить только коммунальный налог. Если сумма годового заработка выше, то помимо коммунального налога будет взыскан еще и налог государственный – 20%. Те, чьи доходы за год составят больше 638 800 крон, помимо коммунального и государственного налогов, должны заплатить еше и 5% от суммы, превышающей этот порог.

Предприниматели платят больше всех налогов в стране. Однако если прибыли нет или бизнес убыточен, то налог платить не придется. Освобождаются от налога и заработавшие за год не более 18 784 крон. Меньше всего налогов платят те, кто старше шестидесяти, и те, кто младше тридцати.




## На что идут налоговые деньги?

Большие налоги в Швеции — неизбежное следствие высоких требований, которые предъявляют шведы к своей стране и качеству жизни. Отремонтированные дороги, новые школы и поликлиники, общественный транспорт, на который можно положиться, – все это результат высокого налогообложения. Для шведов очень важны гарантии и социальная защищенность, причем они по умолчанию должны быть доступны каждому. Каждый налогоплательщик знает, что если он заболеет или потеряет работу, можно рассчитывать на выплаты из страховой кассы, сравнимые с размером месячной зарплаты. Медицинское обслуживание, которое в Швеции почти бесплатное, тоже финансируется за счет налогов. Добиться всего этого, не повышая налоговые ставки, очевидно, было бы невозможно.

**ШВЕДЫ**

**В БОЛЬШИНСТВЕ СВОЕМ ВОСПРИНИМАЮТ НАЛОГИ КАК СВОЮ ПРЯМУЮ ОБЯЗАННОСТЬ. ОНИ ПОНИМАЮТ, ЧТО НАЛОГОВЫЕ СБОРЫ ПОЙДУТ НА РЕМОНТ ДОРОГ ИЛИ ШКОЛ, НА ПЕНСИИ И МЕДИЦИНУ – И ИСПОЛЬЗОВАНЫ БУДУТ ТОЛЬКО ПО НАЗНАЧЕНИЮ.**

Шведы в большинстве своем воспринимают налоги как свою прямую обязанность. Они понимают, что налоговые сборы пойдут на ремонт дорог или школ, на пенсии и медицину – и использованы будут только по назначению. Шведы гордятся тем, что они исправные налогоплательщики, и при случае не прочь похвастать друг перед другом тем, сколько налогов кто заплатил в ушедшем году. Более того, в стране существует открытый доступ к финансовым и бухгалтерским документам компаний: пытаться что-то утаить бессмысленно. Достаточно ввести имя налогоплательщика или название компании на www.allabolag.se, и можно увидеть и сколько он зарабатывает, и сколько налогов заплатил.

## Подать декларацию – в один клик

Еще одна причина, по которой шведы терпимо относятся к налогам, — это легкость общения с налоговыми структурами. Подать декларацию можно любым удобным способом: отослать бумажную анкету обычной почтой (что в технически передовой стране происходит все реже и реже), отправить смс или набрать специальный номер телефона, по электронной почте, через мобильное приложение или аккаунт на сайте налоговой службы www.skatteverket.se. Помимо шведского, сайт налоговой службы функционирует на английском, русском, финском, турецком, иврите, арабском и еще десятке с лишним языков, на которых говорят жители Швеции. Отдельная версия сайта с видеофильмами с сурдопереводом предлагается слабослышащим.

И никаких очередей, томительного ожидания и бюрократии. Угораздило вписать данные не в ту строчку декларации — вежливые сотрудники налоговой службы перезвонят сами, уточнят и исправят цифры или пересчитают. Кстати, большинству налогоплательщиков даже не приходится самим подсчитывать доходы за год – налоговая служба присылает по почте уже заполненную декларацию, с подсчитанной суммой налога к выплате. Такую декларацию достаточно только подписать и отослать обратно. Предпринимателям и тем, кто в течение года продал или купил квартиру придется заполнять больше всего данных.

## Заплатил налоги – получи деньги обратно

Налоговики зорко следят за тем, чтобы кто-то, не дай бог, не переплатил лишнего. Ежегодно в начале мая шведы подают декларации о доходах. В течение максимум полугода те, кто по каким-то причинам заплатил больше, чем следовало, получают свои кровно заработанные обратно на банковский счет. В каких случаях это может произойти? К примеру, если налогоплательщик много потратил на ремонт дома или на поездки от дома до работы в течение года. (Все потому, что некоторые дорогостоящие виды услуг подразумевают получение налогового вычета, так же, как и расходы на развитие бизнеса). Многие получают возмещение от налоговой уже в июне, что очень даже уместно, поскольку в начале лета вся страна готовится отмечать праздник Мидсоммар с танцами у праздничного шеста, с любимыми селедкой и шнапсом, а потому и деньги от налоговой оказываются своевеременным бонусом.

## Налоговая – не только о налогах

**Деятельность налоговой службы не ограничивается сбором платежей с граждан. Помимо этого, она присваивает каждому родившемуся в Швеции или проживившему на территории страны более года индивидуальный налоговый номер (personnummer) и фактически регистрирует по месту проживания. Каждый раз при переезде нужно в недельный срок оповестить налоговую службу о своем новом адресе; только после регистрации налогового номера гражданина по новому адресу переезд будет считаться состоявшимся.**

**Без налогового номера в Швеции – никуда: ни малейшую государственную услугу не получить, ни сделку не оформить. Налоговая же уполномочена выдавать удостоверения личности тем, у кого еще нет шведского гражданства. Для того, чтобы пригласить кого-то из друзей или родственников в гости в Швецию, гражданин должен взять в налоговой справку – так называемый personbevis (разумеется, и это можно сделать в интернете или позвонив по телефону). А если пришла пора заключить брак, то перед тем, как назначать дату свадьбы, придется сообщить о планируемом событии в налоговую службу, чтобы всезнающее ведомство дало добро, убедившись, что препятствий для женитьбы нет (прежде всего, что жених или невеста не состоят в другом браке). И если семейная жизнь не сложилась – развод также начнется с обращения в налоговую.**

**Источник: https://sweden.ru**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Канадцы бойкотируют товары из США после атаки Трампа на Трюдо, сообщили СМИ



**Многие канадцы начали бойкотировать американские товары и отказываться от поездок в Соединенные Штаты после обострения отношений между президентом США Дональдом Трампом и премьер-министром Канады Джастином Трюдо, передает телеканал CTV.**

Разногласия между администрацией Трампа и канадским правительством обострились в последние недели, когда Трамп включил Канаду в список стран, против которых введены заградительные пошлины на сталь и алюминий. Также застопорились переговоры США, Канады и Мексики по актуализации зоны свободной торговли НАФТА, на которой настаивает Трамп. На прошлой неделе Трамп открыто критиковал премьер-министра Канады Джастина Трюдо, обвиняя его в «несправедливых» торговых барьерах против США.

Как сообщает телеканал, канадцы начали использовать в социальных сетях хештэги ряд продуктов, с помощью которых пользователи призывают использовать покупательскую способность, чтобы «защитить честь Канады».

Так, по данным телеканала, канадцы начали отказываться от американских продуктов: калифорнийского вина, апельсинов из Флориды, бурбона из Кентукки. Также они объявили бойкот таким американским брендам, как Starbucks, Walmart, и McDonalds.

«В последние несколько дней наблюдается усиление патриотических настроений», — заявил Трюдо во вторник на одном из мероприятий для фермеров.

# Назорати истифодаи МНХ

**Ба роҳ мондани истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ, аз ҷумлаи он тадбирҳоест, ки барои расидан ба ҳадафҳои ташкилу ба роҳ мондани ҳукумати электронӣ дар мақомоти андоз амалӣ карда мешаванд. Масъалаи насбу истифодаи мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ дар заминаи татбиқи амалии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми майи соли 2013 таҳти рақами №210 «Дар бораи истифодаи мошини назорати хазинавии дорои хотираи фискалӣ» ва фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба нақшаи талабот ба МНХ барои соли 2018» зери назорати ҷиддӣ ва доимии шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд қарор дорад.**



Мувофиқи маълумоти мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд Сарварҳӯҷа Бобоев таъминоти андозсупорандагони тобеи шуъба дар ҷамъбасти шашмоҳаи аввали соли 2018-ум 102,7%-ро ташкил додааст. Яъне дар асоси нақшаи тасдиқнамудаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра дар фаъолияти 113 адад андозсупоранда МНХ-и дорои хотираи фискалӣ насб карда шудаанд. Андозсупорандагоне, ки бо МНХ таъмин карда шуданд, супорандагони андоз аз арзиши иловашуда буда, фаъолияташон ба истеҳсолу фурӯши хӯрокворӣ, сӯзишворӣ, масолеҳи сохтмон, харидуфурӯши молҳои ниёзи мардум нигаронида шудааст.

Бояд зикр дошт, ки дар баробари таъминот ва насби МНХ дар фаъолияти андозсупорандагон аз тарафи шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд нисбати риояи тартиби истифодабарии он дар асоси талаботи моддаҳои 39 ва 89-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати ҷиддӣ карда мешавад. Бо ин мақсад дар фаъолияти андозсупорандагон оид ба истифодаи МНХ пайваста корҳои назоратӣ бурда мешавад.

- Дар нимсолаи аввали соли 2018 дар маҷмӯъ дар фаъолияти 65 андозсупоранда харидҳои назоратӣ гузаронида шуданд,- хабар дод ба мо мутахассиси пешбари Гурӯҳи аудити шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд Саидбек Каримов. Рафти корҳои назоратӣ нишон дод, ки ҳоло ҳам аз тарафи баъзе андозсупорандагон риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тартиби истифодаи дурусти МНХ ба таври лозима ба роҳ монда нашудааст. Ин аст, ки дар натиҷаи гузаронидани харидҳои назоратӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ба маблағи умумии 249 ҳазор сомонӣ нисбати андозсупорандагоне, ки дар самти истифодаи МНХ ба қонунвайронкунӣ роҳ додаанд, ҷаримаҳо татбиқ карда шудаанд. Аз маблағи ҷаримаҳои татбиқшуда то ин дам 188 ҳазор сомониаш ба ҳисоби буҷети давлатӣ пардохт карда шудааст.

Бо мақсади пешгирии қонунвайронкунӣ дар самти риояи истифодаи дурусти МНХ ҳафтаи гузашта дар бинои Раёсати андози вилояти Суғд бо андозсупорандагони шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд семинар-машварат доир карда шуд. Дар семинар-машварат зиёда аз 100 нафар андозсупорандагони шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд ширкат доштанд. Семинар-машварат масъалаҳои рафти иҷрои талаботи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 8-уми январи соли 2018 таҳти рақами 10 «Оид ба нақшаи таъмини МНХ барои соли 2018» ва тартиби дуруст бақайдгирӣ, азнавбақайдгирӣ ва азқайдбарории МНХ, тартиби дуруст истифода намудани МНХ, интиқоли маълумоти МНХ-и андозсупорандагонро ба махзани маълумоти Кумитаи андоз баррасӣ намуд. Оид ба ин масъалаҳо сардори шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд Сулҳия Алимзода, сардори гурӯҳи назорати фаврии шуъбаи санҷиши андозҳои раёсат Анвар Шодиев, директори генералии филиали Суғдии ҶДММ «АМА Груп» З. Ризаев маълумот доданд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

## СЕМИНАР – МАШВАРАТ

# 185 ҳазор сокини Алмаато аз ёрии тиббӣ маҳрум мегарданд

**БО САБАБИ ТАСДИҚ НАШУДАНИ МАҚОМҲО ДАР ФОНДИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ТИББӢ ЗИЁДА АЗ 185 ҲАЗОР СОКИНОНИ ШАҲРИ АЛМААТО МЕТАВОНАНД АЗ ЁРИИ ТИББӢ МАҲРУМ ГАРДАНД.**




«Ҳоло ба Фонди суғуртаи ҳатмии тиббӣ танҳо корфармоён маблағ пардохт мекунанд. Минбаъд барои соҳиби ҳуқуқи гирифтани кӯмак аз системаи Фонди суғуртаи ҳатмии тиббӣ шудан соҳибкорони инфиродӣ, нотариусҳо, кормандон барои худ ва барои категорияҳои дигари одамони машғули кор бояд аъзоҳаққӣ пардохт кунанд. Меъёрҳои истифодашавандаи аъзоҳаққиҳо ба мақоми пардохткунанда вобаста аст. Дар шаҳри Алмаато ҳоло 185 ҳазор одам мақомашонро муайян накардаанд», гуфта мешавад дар хабар. Тибқи маълумоти аз Фонди суғуртаи ҳатмии тиббӣ бадастомада, аз оғози сол зиёда аз 57 ҳазор одамон мақомашонро муайян кардаанд, ки аз байни онҳо ҳамагӣ 24 одам фаъолияташонро ба ҳайси корманди кироя ва соҳибкори инфиродӣ муайян кардаанд.

«Барои одамоне, ки мақоми иҷтимоиашонро то ҳол бо мақсади ширкат дар системаи Фонди суғуртаи ҳатмии тиббӣ муқаррар накардаанд, аз фонди мазкур кӯмак намегиранд», - огоҳ намудааст Департаменти даромадҳои давлатӣ.

Бо мақсади роҳ надодан ба чунин ҳолат мақоми иҷтимоии худро муайян кардан зарур аст.

**https://news.mail.ru/economics/33922947/**

**Дар асоси мактуби супоришии Раёсати андоз дар вилояти Хатлон аз 19.01.2018 №194/200-3.1 ба шахсони мутасаддии мақомоти ҳудудии андоз ирсолнамуда, ба ҳолати 01.06.2018 фарқияти шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ бидуни қайд ба 5465 адад расида, нисбати аввали сол дар сатҳи вилоят 637 адад кам карда шудааст. Мутаассифона, баъзе нозиротҳои андози шаҳру ноҳияхо баръакс онро зиёд намуданд. Аз ҷумла, он дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар 4, Кушониён 25, Қубодиён 3, Абдураҳмони Ҷомӣ 2, Шаҳритус 22, Леваканд 1, Восеъ 983 ва Данғара 102 адад афзудааст.**

# Саҳлангорӣ дар пешниҳоди эъломияҳо

Аз шумораи умумии 56539 адад хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар вилоят 47767 адади онҳо барои соли 2018 ҳисоботи андози ягонаро пешниҳод намудаанд. Шумораи хоҷагиҳои деҳқоние, ки ба нозиротҳои андоз ҳисоботи андози ягонаро пешниҳод накардаанд, 8772 ададро ташкил медиҳад.

Ҳолати пешниҳоди эъломияи андози иҷтимоӣ аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят нишон дод, ки ба санаи 10.06.2018 аз шумораи умумии 56539 адад хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар вилоят 50806 адади онҳо барои нимсолаи дуюми соли 2017 ҳисоботи андози иҷтимоиро пешниҳод намудаанд. 5733 адади онҳо то ҳанӯз ба нозиротҳои андоз ҳисоботи андози иҷтимоиро пешниҳод накардаанд. Он дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои Бохтар 1, Кушониён 183, Вахш 351, Хуросон 170, Дӯстӣ 222, Қубодиён 122, Ҷ.Балхӣ 121, А.Ҷомӣ 188, Ҷайҳун 410, Панҷ 216, Шаҳритус 258, Ёвон 391, Н.Хусрав 189, Леваканд 3, Кӯлоб 212, Муъминобод 80, Восеъ 800, Ҳамадонӣ 372, Фархор 907, Данғара 344, Темурмалик 58, Ховалинг 130, Ш.Шоҳин 7, Балҷувон 35 ва Норак 10 адад мебошад.

Бояд қайд намуд, ки шумораи аз ҳама зиёди андозсупорандагонро дар сатҳи вилоят хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил медиҳанд ва пешниҳоди эъломияҳо аз ҷониби онҳо дар давраҳои ҳисоботӣ сари вақт ва пурра амалӣ нашуда истодааст. Яке аз омилҳояш он аст, ки ба ҳисоби миёна ба як нозири масъули шуъбаҳои хизматрасонӣ дар мақомоти ҳудудии андоз то 1500 адад ва аз ин ҳам зиёд шумораи хоҷагиҳо вобаста карда шудааст. Ҳолати зикршуда барои сари вақт ва ба таври пурра таъмин гардидани пешниҳоди эъломияҳо аз ҷониби масъулони хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсири манфӣ мерасонад.



**АЙНИ ҲОЛ**

**АЗ ШУМОРАИ УМУМИИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН 11391 АДАДИ ОН БА ШАКЛИ ЭЛЕКТРОНИИ ПЕШНИҲОДИ ЭЪЛОМИЯҲО ГУЗАШТААНД, КИ ДАР МАҶМӮЪ, 15,6%-РО ТАШКИЛ МЕНАМОЯД.**

Аз ин лиҳоз, аз ҷониби Раёсати андоз дар вилояти Хатлон бо мақсади аз байн бурдани мушкилиҳо дар ин самт дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳудудии андоз дар асоси супориши бевоситаи Кумитаи андоз ба таври ташкили корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ субъектҳои хоҷагидорро ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳо гузаронида истодаанд. Айни ҳол аз шумораи умумии андозсупорандагон 11391 адади он ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳо гузаштаанд, ки дар маҷмӯъ, 15,6%-ро ташкил менамояд. Дар ин самт бо мақсади давра ба давра таъмин намудани гузариши андозсупорандагон ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳо корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ ва машваратӣ идома дорад.

**У. НАСРУЛЛОЕВ,**
**сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии Раёсати андоз дар вилояти Хатлон**

**Андешидани тадбирҳои судманд дар самти ошкор намудани қонунвайронкуниҳои андоз ва сари вақт гирифтани пеши роҳи ҳама гуна қонунвайронкуниҳо яке аз омилҳоест, ки низоми пардохти андозҳоро таъмин намуда ва ба ҷорӣ гардидани тартиботи ҳуқуқӣ шароит фароҳам меорад.**

# Назорати камералӣ - воситаи муҳими пешгирии қонунвайронкуниҳо



Тибқи талаботи моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати камералӣ, ки шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андози пешниҳоднамудаи андозсупоранда, маълумоти мақоми ваколатдор ва дигар ҳуҷҷатҳо дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти андоз анҷом дода мешавад, дар гирифтани пеши роҳи қонунвайронкуниҳои андоз мавқеи муҳим дорад. Аз ин нуқтаи назар назорати камералӣ қисми таркибии низоми идоракунии хавфҳо маҳсуб меёбад.

Кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор ба масъалаи гузаронидани назорати камералӣ ҳамеша диққати ҷиддӣ дода, дар ин самт натиҷаҳои назаррас ба даст меоранд. Масалан, онҳо дар панҷ моҳи сипаригардидаи соли равон дар фаъолияти 41 нафар андозсупорандагони ҳуқуқию воқеӣ назорати камералӣ гузаронида, ба маблағи 3310897 сомонӣ андозҳои пинҳонмондаро ошкор карданд. Баъди пешниҳод гардидани огоҳиномаҳо ба маблағи 2793086 сомонӣ эъломияҳои иловагии андоз пешниҳод карда шуда, аз ҳисоби ҳақдорӣ 1405666 сомонии он пӯшонида шуд. Мутобиқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати 4 нафар андозсупоранда барои бар хилофи қонунгузории андоз амал намуданашон ба маблағи 252111 сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ карда шуд, ки 98356 сомонии он маблағҳои ҷарима ва 19465 сомонӣ фоизҳо буда, дар маҷмӯъ, 369932 сомониро ташкил медиҳад.

Бо дарназардошти фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июли соли 2017 таҳти № 316 ва дар асоси омӯзиш, таҳлилу муқоисаи ҳисоботи (эъломияҳои) андоз ва дигар маълумоти ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи андозсупоранда, инчунин маълумоти эъломияҳои дар барномаи СИА гузаронидашуда ва маълумоти гумрукӣ мутобиқи қисми 4 моддаи 65 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Тиҷорат ва сохтмон" назорати камералӣ гузаронида шуд.

Дар рафти корҳои назоратӣ маълумоти эъломияҳои пешниҳоднамудаи ҷамъият оид ба андози низоми содакардашуда дар муқоиса бо маълумоти аз тарафи Раёсати хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасшуда муайянгардид, ки ҷамъият барои солҳои 2016-2017 ва то санаи якуми майи соли 2018 эъломияҳои андозро ба мақомоти андоз тариқи сифрӣ пешниҳод намудааст. Мутобиқи маълумоти Раёсати хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 ба маблағи 119712 сомонӣ, соли 2017 ба маблағи 558014,46 сомонӣ ва то санаи 01 майи соли 2018 ба маблағи 525000 сомонӣ барои корҳои анҷомдодашуда ба суратҳисоби ҷамъият гузаронида шудааст.

Ҷамъият бар хилофи талаботи моддаи 43 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи даромади бадастовардаашро дар эъломияҳои андоз нишон надодааст. Бо меъёри 6% барои соли 2016 (119712*6%) 7183 сомонӣ, барои соли 2017 (558014*6%) 33481 сомонӣ ва барои семоҳаи аввали соли 2018 (225000*6%) 13500 сомонӣ ва барои моҳи апрели соли 2018 (300000*6%) 18000 сомонӣ, дар маҷмӯъ, (7183+33481+13500+18000) 72164 сомонӣ андози низоми содакардашуда ба таври илова ҳисоб гардидааст.

**ҲАМЗАМОН,**

**МУТОБИҚИ МОДДАИ 216 КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АНДОЗ АЗ МАБЛАҒИ КАМ НИШОНДОДАШУДА БО МЕЪЁРИ 25% БАРОИ КОРГАРИ КИРОЯ БА МАБЛАҒИ 8100 СОМОНӢ ЭҲТИМОЛИЯТИ КАМ ҲИСОБ НАМУДАНИ АНДОЗИ ИҶТИМОӢ МУАЙЯН ГАРДИД.**

Мутобиқи маълумоти маркази хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи амалиёти ҷамъият, ки аз корҳои таъмиру сохтмон иборат аст, дар асоси музояда гузаронида шудааст. Тибқи маълумоти барномаи компютерии СИА дар солҳои 2016-2017 ва то моҳи майи соли 2018 аз тарафи ҷамъият барои як нафар корманд ба маблағи 700 сомонӣ музди меҳнат ҳисоб карда шудаасту халос. Бо ибораи дигар, дар давоми ду солу чор моҳ ҷамъият музди меҳнати кормандонро дар эъломияҳои андоз дарҷ накарда, маблағи андози даромади шахсони воқеӣ ва иҷтимоиро пинҳон доштааст.

Чуноне дар урфият мегуянд: "Офтобро бо доман пӯшонда намешавад". Роҳбарони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Тиҷорат ва сохтмон" бехабар аз он ки ягон вақт сиррашон фош мегардад, дидаю дониста бо мақсади фиреб додани мақомоти андоз маблағҳои андози хешро пинҳон намуда, дар маълумоти ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаашон даромади хешро нишон надоданд. Вале назорати камералии дар фаъолияти ҷамъияти номбурда гузаронидашуда ҳолати кам ҳисоб кардани андози низоми соддакардашударо ба маблағи 72164 сомонӣ, андоз аз даромади шахсони воқеиро ба маблағи 15635 сомонӣ ва андози иҷтимоиро ба маблағи 117867 сомонӣ, дар маҷмӯъ, 205670 сомонӣ маблағҳои пинҳонкардаи ҷамъиятро ошкор намуд.

Роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Сино Тоҷик Стар" М. Норбеков, ки ба истеҳсол ва фурӯши хишти пухта машғул аст, фаъолияти худро дар ҳуҷҷатҳои андозӣ мавсимӣ нишон дода, бо ин роҳ хостааст, ки маблағҳои андозро пинҳон намояд. Вале баъди як моҳи фаъолият сирри ӯ дар назди мақомоти андоз ошкор шуд.

Аз рӯи маълумоти барномаи компютерии СИА, эъломияҳои пешниҳоднамудаи ҶДММ "Сино Тоҷик Стар" ва маълумоти дар ҷараёни гузаронидани назорати камералӣ ошкоршуда маълум гардид, ки ҷамъият дар давраи фаъолияти худ, яъне аз 01. 04. 2018 то 01.05.2018 нисбати 27 нафар коргарони кироя дар эъломияи андоз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоиро нишон надодааст. Мутобиқи фасли 8 боби 16 моддаҳои 95-104 ва фасли 11 боби 33 моддаҳои 212-218 корфармо мебоист бо 27 нафар коргарони ба кор ҷалбкардашуда шартномаи меҳнатӣ ва ё қарордод баста, аз ин хусус мақомоти андозро тариқи хаттӣ огоҳ менамуд. Мутаассифона, 27 нафар коргари кирояро бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намуда, барои онҳо ба ҳисоби миёна моҳе 1200 сомонӣ маош муқаррар намудааст вале аз ин хусус дар ҳисоботи андозии худ чизе нишон надодааст.

**ШИРКАТ**

**ҲАНГОМИ ПЕШНИҲОДИ ҲИСОБОТҲО БА ТАҲРИФКОРӢ РОҲ ДОДА, АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДАРО БА МАБЛАҒИ 249534 СОМОНӢ ВА МАБЛАҒИ АНДОЗИ ФОИДАРО БА АНДОЗАИ 12485 СОМОНӢ КАМ ҲИСОБ НАМУДА, ДАР МАҶМӮЪ, 262019 СОМОНӢ АНДОЗҲОРО ПИНҲОН КАРДААСТ**

Дар натиҷаи тадқиқоти назорати камералӣ ва баёноти сармуҳосиби ширкати номбурда С. Саидов муайян карда шуд, ки ҶДММ "Сино Тоҷик Стар" музди меҳнати 27 нафар коргари кирояро ба маблағи 32400 (1200*27 нафар= 32400*1) сомонӣ кам нишон додааст, ки аз маблағи кам нишондодашуда мутобиқи моддаи 103 Кодекси андоз бо меъёри 13% ба маблағи 4212,0 сомонӣ эҳтимолияти кам ҳисоб намудани андоз аз даромади шахсони воқеӣ муайян карда шуд. Ҳамзамон, мутобиқи моддаи 216 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз аз маблағи кам нишондодашуда бо меъёри 25% барои коргари кироя ба маблағи 8100 сомонӣ эҳтимолияти кам ҳисоб намудани андози иҷтимоӣ муайян гардид. Ҳамин тавр, назорати камералии дар фаъолияти ҶДММ "Сино Тоҷик Стар" барои давраи аз 01. 04. 2018 то 01. 05. 2018 ба маблағи 12312 сомонӣ андозҳои пинҳонкардашударо ошкор намуд.

Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ дар фаъолияти ҶДММ "Хуҷастапай" маълумоти эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда, эъломияҳои пешпардохти андоз аз фоида, тавозуни соли 2017 ва маълумоти аз тарафи худи ҷамъият оиди бақияи молу маҳсулот пешниҳодгардида муқоиса карда шуда, камбудиҳо дар самти кам ҳисоб намудан ва пинҳон кардани маблағҳои андоз ошкор гардид. Маълум гардид, ки муҳосиботи ширкат ҳангоми пешниҳоди ҳисоботҳо ба таҳрифкорӣ роҳ дода, андоз аз арзиши иловашударо ба маблағи 249534 сомонӣ ва маблағи андози фоидаро ба андозаи 12485 сомонӣ кам ҳисоб намуда, дар маҷмӯъ, 262019 сомонӣ андозҳоро пинҳон кардааст.

Мутобиқи моддаи 275 Кодекси андоз супорандагони андоз аз молу мулки ғайриманқул соҳибони (истифодабарандагони) объектҳои ғайриманқул, ки объекти андозбандӣ мебошанд, ба шумор мераванд. Дар асоси маълумоти дастрасшуда хоҷагии ХТИ "Зироаткорӣ"-и АИКТ солҳои 2017 - 2018 дар ҳисоботи худ масоҳати молу мулки ғайриманқулро 4133 м, маблағро 9799,2 сомонӣ ва коэффисиенти минтақавиро 0,4 нишон додаанд. Дар натиҷаи гузаронидани азнавбаҳисобгирии объектҳои ғайриманқул маълум гардид, ки ба хоҷагии мазкур 6236,55 метри мураббаъ амволи ғайриманқул вобаста буда, аз он 976,8 метр хонаҳои истиқоматӣ мебошад, ки дар тавозуни хоҷагӣ қарор дорад. Ҳангоми азнавбақайдгирӣ фарқияти масоҳати амволи ғайриманқул 2103,55 метри мураббаъ муайян карда шуд.

Дар асоси моддаи 279 Кодекси андоз меъёри андоз барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани дигар намуди фаъолият ба андозаи 12 фоиз ва барои манзилҳои истиқоматӣ ба андозаи 4 фоиз бо истифодаи коэффисиенти минтақавӣ 0,4 ба маблағи 3485,64 (барои дигар мақсадҳо 1126,75м*2,4=2704,2, манзили истиқоматӣ 976,8*08=781,44) сомонӣ ҳисоб карда шуд. Барои солҳои 2017-2018 амволи ғайриманқул ба маблағи 6971,28 сомонӣ муайян гардид. Дар натиҷаи назорати камералӣ маълум карда шуд, ки дар хоҷагии мазкур дар солҳои 2017-2018 ба маблағи 6971,28 сомонӣ андози мазкур кам ҳисоб карда шудааст.

Хоҷагӣ на танҳо дар пешниҳоди ҳисобот оид ба объектҳои амволи ғайриманқул ба таҳрифкорӣ роҳ додааст, балки ҳангоми пешниҳоди эъломия оид ба андози ягона низ ба пинҳонкунии андозҳо даст задааст. Дар эъломияҳои хеш андози ягонаро барои солҳои 2017-2018-ум 44255,8 сомонӣ кам нишон додааст, ки дар рафти назорати камералӣ ошкор гардид.

**АЙНИ ЗАМОН КОРМАНДОНИ НОЗИРОТИ АНДОЗ ДАР ШАҲРИ ҲИСОР ОМӮЗИШ ВА ТАДҚИҚИ МАЪЛУМОТИ ПЕШНИҲОДНАМУДАИ АНДОЗСУПОРАНДАГОНРО ТАҲТИ НАЗОРАТИ ДОИМӢ ҚАРОР ДОДА, ДАР ОШКОР НАМУДАНИ ҚОНУНВАЙРОНКУНИҲОИ АНДОЗ ФАЪОЛИЯТИ ДУЧАНД НИШОН МЕДИҲАНД.**

М.ТАБАРЗОДА

## ДАҲСОЛАИ «ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР»

**Ҳадафи аслии қабули Қатъномаи Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ташкили ҳамкориҳои судманди байни кишварҳо дар сатҳи байналмилалӣ барои кам кардани хатарҳои бамиёномада аст. Маълум аст, ки дар даҳсолаҳои охир инсоният ба таҳдидҳои муосири ҷаҳонӣ дучор гардид, ки инҳо тағйирёбии иқлими сайёра ва бар асари он зиёдшавии фалокатҳои табиӣ, обхезӣ, яхчу тармафарой, обшавии пиряхҳо, проблемаҳо оид ба таъминоти об бинобар зиёдшавии босуръати аҳолӣ, хурӯҷи бемориҳои сирояткунанда ва ғайра мебошанд.**

# Истифодаи босамари об



Бо дарназардошти он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи бузурги захираҳои обӣ буда, дар даҳсолаҳои охир обшавии равандi пиряхҳо зиёд шудаанд, ҷиҳати омӯзиши амиқи ин масъалаи муҳим дар ҷумҳурӣ Маркази пиряхшиносӣ ташкил гардид. Маркази мазкур тасмим гирфтааст, ки дар баробари пешбурди тадқиқот, мониторинги захираҳои обиро гузаронида, инчунин харитаи пиряхҳои Тоҷикистонро омода намояд.

Албатта, Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт», 2005-2015» самараи хуб дод ва дар кори наҷиби таъминоти саривақтии мардум бо оби нӯшокӣ, иҷрои лоиҳаҳои мухталиф дар кишварҳои ҷаҳон, истифодаи босарфа ва самараноки об аз худ осори шоистае боқӣ гузошт. Дар ин давра садҳо миллион нафар одамон ба оби нӯшокӣ дастрасӣ пайдо намуда, ҳолати тансиҳатӣ ва санитарии худро беҳтар гардониданд. Дар Тоҷикистон низ даҳҳо лоиҳаҳо тарҳрезӣ ва амалӣ карда шуданд. Дар кишварҳои гуногун конфронсу симпозиумҳо баргузор гашта, иҷрои вазифаҳои пешбинишуда ба таври васеъ матраҳ гардиданд.

Вале бояд зикр намуд, ки ҳоло ҳам масъалаҳои вобаста ба об роҳҳои пурраи ҳалли худро наёфтаанд, аз имконоти истифодаи «нерӯи сабз» ҳамаҷониба истифода карда нашудааст. Дар ин замина, ҳанӯз дар байни кишварҳо ба минтақаҳо якдигарфаҳмӣ ҷиҳати эҳтиёт намудани муҳити зист ба назар намерасад, ки ин бар зарари аҳли башар мебошад.

Дар 10 соли оянда Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» пурра ба баҳрабардорӣ супурда мешавад, лоиҳаи «CASA-1000» дар амал татбиқ мегардад. Дар доираи ин лоиҳа дар минтақа Бозори минтақавии фурӯши барқи “CASAREM” ташкил карда мешавад. Он лоиҳаҳое, ки марбут ба таъминоти қисматҳои ғарбии Хитой ҳастанд, бо барқ тавассути нерӯгоҳҳои барқи обии Тоҷикистон таъмин мегарданд.

Нақшаҳои кишвар дар ин бора дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, Мутобиқи ин ҳуҷҷати перспективӣ дар даҳсола истеҳсоли нерӯи барқ дар Тоҷикистон зиёда аз ду маротиба афзоиш меёбад. Табиист, ки мутаносибан содироти барқ низ зиёд гардида, ҷуғрофиёи кишварҳое, ки аз барқи Тоҷикистон истифода мекунанд, вусъат пайдо мекунад.

### САБАБҲОИ

**НОРАСОИИ ОБ ДАР КИШВАРҲОИ ҶАҲОН, ПЕШ АЗ ҲАМА, ҶОЙГИРШАВИИ НОБАРОБАРИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ, АЗ ҶУМЛА ОБ МЕБОШАНД, ЯЪНЕ ДАР БАЪЗЕ КИШВАРҲО ОБ ФАРОВОН, ВАЛЕ ДАР КИШВАРҲОИ ДИГАР НОРАСОИИ ОБ БА ПРОБЛЕМАИ МУҲИМИ РӮЗ ТАБДИЛ ЁФТААСТ.**

Дар ҳуҷҷатҳое, ки моҳи марти соли равон байни кишварҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ба имзо расиданд, имкониятҳои истифодаи захираҳои обию барқии минтақа махсусан таъкид гардиданд. Яъне дар ин соҳаҳо ду кишвари дӯсту бародар ҳамкориҳои мутақобилан судмандро густариш хоҳанд дод.

Сабабҳои норасоии об дар кишварҳои ҷаҳон, пеш аз ҳама, ҷойгиршавии нобаробари захираҳои табиӣ, аз ҷумла об мебошанд, яъне дар баъзе кишварҳо об фаровон, вале дар кишварҳои дигар норасоии об ба проблемаи муҳими рӯз табдил ёфтааст. Албатта, пешрафти илму техникаи муосир, ҳамкории кишварҳо барои ҳалли ин масъала метавонад кӯмак расонад. Ҳоло дар ҷаҳон бештар аз 1,2 миллиард одамон аз нарасидани оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанд.

Бо вуҷуди он ки дар кишвари мо захираҳои зиёди обӣ мавҷуданд, то ҳол дар бисёр мавзеъҳо ба оби софи нӯшокӣ эҳтиёҷ доранд ва манбаъҳои дохилӣ имконият намедиҳанд, ки дар муддати кӯтоҳтарин камбудиҳо бартараф карда шаванд. Дар ин замина дар ҷумҳурӣ бисёр лоиҳаҳо бо ҳамкории созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, Бонки исломии рушд, Бонки осиёгии рушд, инчунин кишварҳои кӯмакрасон, аз ҷумла Ҷопон, Олмон, Чин барои таъминот бо оби мусаффо роҳандозӣ мешаванд.

Ташаббусҳои глобалии Президенти мамлакат оид ба масъалаҳои об дар сатҳи ҷаҳон баҳои баланд гирифтаанд ва шахсиятҳои бузург ин нуктаро борҳо зикр намудаанд. Чор ташаббуси бузурги Сарвари давлат дар масъалаҳои марбут ба об дар рушди устувори кишварҳо марҳилаи муҳим гардиданд. Талошҳо дар ҳаҷорчӯбаи ташаббусҳое, чун «Соли байналмилалии оби тоза, 2003», Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт, 2005-2015» ва «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» (2013), «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» хеле муассир ҳастанд.

**Вобаста ба пешниҳодҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минбари СММ моро зарур аст, ки ҳамчун мардуми кишвари ташаббускор тамоми чорабиниҳои банақшагирифтаро пайгирона, ба таври мақсаднок ва дар сатҳи баланд иҷро намоем, то ки онҳо баҳри рушди устувор самараи дилхоҳ диҳанд ва дар ҷомеаи муосир мақому манзалати сазовор пайдо намоянд.**

**Манучеҳр РАСУЛОВ,**
**коршиноси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ТАЪМИР

# Сохтмони пули 300-метра дар шоҳроҳи Душанбе - Бохтар



**Палатаи поёнии парлумони ҷумҳурӣ бидуни баррасӣ ва якдилона Созишномаи грантӣ байни Тоҷикистон ва Бонки осиёгии рушд (БОР)-ро оид ба лоиҳаи таъмиру навсозии роҳи мошингарди Душанбе - Бохтар (собиқ Қӯрғонтеппа) маъқул шуморид.**

Муовини аввали вазири молияи кишвар Ҷамшед Каримзода иттилоъ дод, ки дар доираи амалисозии Созишнома БОР ба сифати кумаки ройгон ба Тоҷикистон барои таъмиру навсозии қитъаи 40-километрии роҳ аз мавзеи Чашмасорони ноҳияи Хуросон то шаҳри Бохтар 90 млн. доллар маблағ ҷудо мекунад.

«Дар доираи амалисозии лоиҳа дар роҳи Душанбе - Бохтар пули автомобилгарди нави дарозиаш 300 метр сохта мешавад», - гуфт Каримзода.

Корҳои таъмиру навсозии роҳи мошингарди Душанбе - Бохтар бо масофаи умумии 82 километр соли 2023 комилан ба итмом мерасанд. Бари он дар баъзе ҷойҳо то 27 метр мерасад.

Амалисозии марҳилаи аввали лоиҳа моҳи октябри соли гузашта оғоз гардида, дар доираи он таъмиру навсозии 33 километр қитъаи роҳ аз шаҳри Душанбе - то мавзеи Даҳанакиик дар Хуросон ҷараён дорад.

Паймонкори лоиҳа дар марҳилаи аввал ширкати «Синтзян Бейсин»-и Чин ва мушовири байнулмилалӣ - ширкати олмонии «КОКС» мебошанд.

Ба амалисозии марҳилаи аввали лоиҳа дар маҷмӯъ 96 млн. доллар маблағ равона мегардад. Воситаҳо аз ҷониби БОР (49,4 млн. доллар - қарз ва 17,8 млн. доллар - грант), Фонди ОПЕК (12 млн. доллар - қарз) ва ҳукумати Тоҷикистон (17,1 млн. доллар) таъмин мешавад.

**Манбаъ: https://www.news.tj**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Мирзиёев наделил новыми полномочиями налоговые органы

**Узбекистан, Ташкент. Президент Узбекистана своим постановлением предоставил налоговым органам ряд новых полномочий.**

**Теперь они получили право:**

— приостановления операций по банковским счетам налогоплательщиков-юридических лиц в случаях отсутствия их по заявленному адресу, а также непредставления ими в установленный срок налоговой или финансовой отчетности, обоснований по расхождениям либо уточненной налоговой отчетности по результатам камерального контроля;.

— взыскания дивидендов по государственной доле и отчислений в Государственный бюджет от чистой прибыли государственных унитарных предприятий;.

— осуществления по результатам камерального контроля тематических и экспресс-изучений с выходом на места для подтверждения достоверности предоставленной информации налогоплательщиком и правомерности применения налоговых и таможенных льгот, отраженных в отчетах налогоплательщика;.

— бесспорного списания возникшей налоговой задолженности с банковских счетов, обслуживающих пластиковые карты налогоплательщиков-физических лиц, в сумме, не превышающей двух минимальных размеров заработной платы в месяц.

**https://news.mail.ru/economics/33890157/**

# Рӯихати субъектҳои бефаъолият

| Р/т | Ном ва насаби андозсупорандагон | Санаи бақайдгирии давлатӣ | РМА |
|---|---|---|---|
| Нозироти андоз дар шаҳри Бӯстон | | | |
| Соҳибкорони инфиродӣ | | | |
| 1 | Саидов Суҳроб | 01.10.2009 | 515154956 |
| 2 | Патидинов Дилмурод-бек | 01.10.2009 | 515152885 |
| 3 | Розиқов Зафарҷон | 01.10.2009 | 515489155 |
| 4 | Ваҳобов Мирзомубин | 01.10.2009 | 515227385 |
| 5 | Юсуфҷонова Шоира | 01.10.2009 | 515474530 |
| 6 | Темуров Мубинҷон | 01.10.2009 | 515491188 |
| 7 | Комилова Мастура | 01.10.2009 | 515098548 |
| 8 | Раҳматов Мансурҷон | 01.10.2009 | 515325402 |
| 9 | Ҷӯраев Дилшодҷон | 01.10.2009 | 515499807 |
| 10 | Сатторов Собир | 01.10.2009 | 645021050 |
| 11 | Умарова Гулбаҳор | 01.10.2009 | 615054940 |
| 12 | Баротов Ҳалим | 06.10.2009 | 515072447 |
| 13 | Шамсиев Ҷалолиддин | 07.10.2009 | 515353849 |
| 14 | Юсупов Маруфджон | 07.10.2009 | 515132499 |
| 15 | Эргашева Нодира | 13.10.2009 | 645024495 |
| 16 | Салимов Фаррух | 14.10.2009 | 515132420 |
| 17 | Қаландаров Искандар | 02.11.2009 | 515207490 |
| 18 | Бурҳонов Акмалҷон | 11.11.2009 | 515293466 |
| 19 | Иброҳимов Мирзоҳаким | 13.11.2009 | 645017825 |
| 20 | Шарафидинов Баҳридин | 18.11.2009 | 645023337 |
| 21 | Дадобоев Махсуд | 19.01.2010 | 515186364 |
| 22 | Почоев Султонхоҷа | 19.01.2010 | 515158697 |
| 23 | Холов Гулмурод | 26.01.2010 | 645039757 |
| 24 | Усмонов Равшанхон | 28.01.2010 | 515139462 |
| 25 | Шарипова Мунира | 26.02.2010 | 645070082 |
| 26 | Абдуғаниев Насимҷон | 29.03.2010 | 515190663 |
| 27 | Ерматов Анварҷон | 15.04.2010 | 515554553 |
| 28 | Юсуфҷонов Осимҷон | 27.04.2010 | 515258675 |
| 29 | Ёқубов Носирҷон | 05.05.2010 | 515151866 |
| 30 | Ахмедов Валиҷон | 07.05.2010 | 645014239 |
| 31 | Набиев Аъзам | 12.05.2010 | 645067870 |
| 32 | Кобзева Лариса | 24.05.2010 | 515123553 |
| 33 | Маджидов Абдусаттор | 27.05.2010 | 515133045 |
| 34 | Шаропов Фаррухджон | 28.05.2010 | 645028325 |
| 35 | Шарипов Муродҷон | 10.06.2010 | 515097080 |
| 36 | Ҳасанов Абдусамад | 22.06.2010 | 515059060 |
| 37 | Усманова Зарина | 29.06.2010 | 515328899 |
| 38 | Мирзомансуров Мурод | 30.06.2010 | 515181780 |
| 39 | Сайдуллоева Марҳамат | 30.06.2010 | 635300175 |
| 40 | Акрамов Раҳмонқул | 30.06.2010 | 645025190 |
| 41 | Искандаров Баҳром | 21.07.2010 | 515125031 |
| 42 | Мадисоев Анварҷон | 23.07.2010 | 645098336 |
| 43 | Юсупова Дилрабо | 20.08.2010 | 515518570 |
| 44 | Яқубов Толибҷон | 01.09.2010 | 515370362 |
| 45 | Каримов Амирҷон | 29.09.2010 | 645024933 |
| 46 | Саидов Ғанӣ | 18.10.2010 | 515503799 |
| 47 | Бочкарёв Артём | 25.10.2010 | 645051122 |
| 48 | Мамадҷонов Бахтиёрҷон | 30.11.2010 | 635444573 |
| 49 | Зокирова Башорат | 16.12.2010 | 515328689 |
| 50 | Юсупов Баҳромҷон | 05.01.20100 | 515370567 |
| 51 | Бобоков Сабзалӣ | 11.01.2011 | 645058982 |
| 52 | Бабаджанов Бахтиёр | 11.01.2011 | 515069723 |
| 53 | Султонов Негмат | 18.01.2011 | 515150556 |
| 54 | Ҳайдаров Сайвалӣ | 18.01.2011 | 515232180 |
| 55 | Абдуллоев Абдуҳат | 28.01.2011 | 645106040 |
| 56 | Бобоев Далер | 21.02.2011 | 515173546 |
| 57 | Валиев Рустамҷон | 19.04.2011 | 645030225 |
| 58 | Таҳминаи Қурбон | 20.04.2011 | 605300493 |
| 59 | Абдусаидов Анварҷон | 16.05.2011 | 645028627 |
| 60 | Разоқов Аҳмад | 27.05.2011 | 635430445 |
| 61 | Ахмедов Шодибек | 10.06.2011 | 45901208 |
| 62 | Раҳмонов Мунирҷон | 22.06.2011 | 645019001 |
| 63 | Азалхонов Рустамхон | 12.07.2011 | 515010413 |
| 64 | Маматқодиров Наим | 10.10.2012 | 645028330 |
| 65 | Мамадалиев Саид | 20.02.2012 | 645086408 |
| 66 | Назарова Ҳалима | 06.09.2013 | 645088004 |
| 67 | Шарипов Зуҳурҷон | 30.10.2013 | 645037368 |
| Шахсони ҳуқуқӣ | | | |
| 68 | Қисми ҳарбии «03572» | 30.03.2000 | 640001746 |
| 69 | ҶДММ «Наврӯз» | 18.09.2002 | 640002405 |
| 70 | ҶДММ «Зар Трейдинг» | 17.07.2001 | 640002171 |
| 71 | ҶДММ «Аудит-Исмоили Сомонӣ асри XXI | 08.10.2009 | 640004324 |
| 72 | ТҶ «Ширкати соҳибмулкони манзили Беҳтарин» | 15.04.2011 | 640005190 |
| 73 | Фонди хайриявии «Мададгор» | 19.11.2009 | 640004366 |
| 74 | Филиали ҶДММ «Шоҳроҳи Абрешим-1688» | 07.09.2015 | 640007112 |
| 75 | КМ Ширкати соҳибмулкони манзили «Оромӣ» | 12.02.2011 | 640005122 |
| 76 | КВД «Истифодабарии манзилӣ-2» | 23.03.2010 | 640004739 |
| 77 | КВД «Нақлиёти махсуси санитарӣ» | 27.08.2007 | 640003741 |
| 78 | Шуъбаи «Фурӯши барқ» | 31.07.2013 | 640006524 |
| 79 | ҶДММ «Алфида» | 11.03.2013 | 640006115 |
| 80 | ҶДММ «Аура-Аква БР» | 16.04.2014 | 640006797 |
| 81 | КВД «Маркази ҳисобкунӣ» | 12.03.2009 | 640004090 |
| 82 | Филиали ҶДММ «Сохтмон ва Тиҷорат» | 04.04.2015 | 640007041 |
| 83 | ҶДММ «М-Авлиё» | 13.08.2013 | 640006566 |
| Нозироти андоз дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | | | |
| Соҳибкорони инфиродӣ | | | |
| 84 | Илмуродова Роза Ибрагимовна | 21.04.2010 | 6430009190 |
| 85 | Зиябоева Зебунисо Исмоновна | 10.02.2010 | 6330013727 |
| 86 | Болтубоева Раъноҷон Муҳаммадҷоновна | 21.04.2010 | 6330033509 |
| 87 | Қаюмов Абдуазиз | 01.08.2006 | 6330021115 |
| 88 | Эргашев Фурқадҷон Дадоҷонович | 31.05.2010 | 6330028284 |
| 89 | Усмонов Сайдулло Убайдуллоевич | 19.10.2012 | 6330087491 |
| 90 | Абдуқодиров Бурҳонхоҷа Ёқубхоҷаевич | 02.06.2009 | 6330016972 |
| 91 | Салимова Гулчеҳра Каримҷоновна | 10.02.2011 | 6330051530 |
| 92 | Ахмедов Алиҷон Набиҷонович | 19.12.2006 | 6330029265 |
| 93 | Иброгимов Обидҷон Самеевич | 03.09.2009 | 6330002425 |
| 94 | Наҷмидинов Шариф Пӯлотович | 16.11.2009 | 5130011352 |
| 95 | Исмоилов Илҳомҷон Турсуналиевич | 07.10.2009 | 6330004285 |
| 96 | Усмонов Абдуқаюм Алиевич | 15.12.2015 | 6330184190 |
| 97 | Ҳоҷибоев Равшанҷон Ҷӯрабоевич | 03.06.2009 | 6330037725 |
| 98 | Юшуфуджианг Абулаи | 06.06.2011 | 6330058946 |
| 99 | Абудукелимучианг Миреаихемаити | 13.04.2015 | 6330169478 |
| 100 | Дадокалонова Муҳайё Ғаниҷоновна | 27.03.2013 | 6330094678 |
| 101 | Машарипова Раҳбар Саидбоевна | 23.02.2011 | 6330052429 |
| 102 | Рустамов Аминҷон Пулотович | 11.06.2015 | 6330176206 |
| 103 | Қодиров Абдурасул Маҷидович | 24.09.2009 | 6330004120 |
| 104 | Негматов Эмомиддин | 31.08.2009 | 0930001151 |

# ЭЪЛОН

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯихати субъектҳои бефаъолиятро тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷии бефаъолият", ҷиҳати аз Феҳристи ягонаи давлатӣ хориҷ намудан, пешниҳод менамояд.

Аз шумо хоҳиш менамоем, ки дар сурати пайдо гардидани арзу шикоятҳо нисбати андозсупорандагони бефаъолият, ба Бахши иттилоотӣ бо рақамҳои содакардашудаи телефонии 151, 152 ва рақами (992-37) 233-08-51 ё ба Кумитаи андоз бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2 арзу шикоятҳои худро пешниҳод намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ОБЪЯВЛЕНИЕ

## УВАЖАЕМЫЕ ГРАЖДАНЕ И НАЛОГОПЛАТЕЛЬЩИКИ!

Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан в целях выполнения постановление Правительства Республики Таджикистан "Порядок исключения бездействующего юридического лица, индивидуального предпринимателя, филиала и представительства иностранного юридического лица из Единого государственного реестра юридических лиц и индивидуальных предпринимателей" предлагает исключить бездействующих субъектов из Единого государственного реестра.

Просим Вас, в случае возникновения жалоб к недействующим налогоплатеьщикам обратиться в контакт-центр по коротким телефонам 151, 152 и телефону (992-37) 233-08-51 или письменно в Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан по адресу г. Душанбе, улица Н.Карабаева 42/2.

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**

# ЭЪЛОН

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷии бефаъолият”, ҷиҳати аз Феҳристи ягонаи давлатӣ хориҷ намудани андозсупорандагони бефаъолият, рӯйхати субъектҳои бефаъолиятро пешниҳод менамояд.

Аз шумо хоҳиш менамоем, ки дар сурати пайдо гардидани арзу шикоятҳо нисбати андозсупорандагони бефаъолият ба Бахши иттилоотӣ бо рақамҳои содакардашудаи телефонии 151, 152 ва рақами (992-37) 233-08-51 ё ба суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2 ба Кумитаи андоз муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ОБЪЯВЛЕНИЕ

## УВАЖАЕМЫЕ ГРАЖДАНЕ И НАЛОГОПЛАТЕЛЬЩИКИ!

Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан в целях выполнения постановление Правительства Республики Таджикистан “Порядок исключения бездействующего юридического лица, индивидуального предпринимателя, филиала и представительства иностранного юридического лица из Единого государственного реестра юридических лиц и индивидуальных предпринимателей” предлагает список бездействующих субъектов, предусматриваемые для исключения из Единого государственного реестра.

Просим Вас, в случае возникновения жалоб к недействующим налогоплатеьщикам обратиться в контакт-центр по коротким телефонам 151, 152 и телефону (992-37) 233-08-51 или письменно в Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан по адресу г. Душанбе, улица Н.Карабаева 42/2.

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**

| Шахсони ҳуқуқӣ | | | |
|---|---|---|---|
| 105 | ҶДММ «Карина» | 08.10.2001 | 630001889 |
| 106 | Иттиҳодияи Ҷамъиятии Шӯрои об ва санитарии «Киста-куз» | 25.11.2004 | 630006785 |
| 107 | ҶДММ «Қалъача» | 08.08.2009 | 630009778 |
| 108 | Ҷамъияти варзиши ҳосилот | 27.01.2000 | 630003908 |
| 109 | ФИЛИАЛИ Намояндагии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Азия-Авто» | 20.06.2012 | 630013053 |
| 110 | КВДТ барқарорсозии чоҳҳои амудии ноҳияи Б.Ғафуров | 11.11.2009 | 630010008 |
| 111 | ҶДММ «Меҳрона 8888» | 30.06.2013 | 630015545 |
| 112 | КИККПТ КВДХ «Тоҷик Эйр» | 08.06.2009 | 630009655 |
| 113 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фарз» | 25.08.2009 | 630009828 |
| 114 | НҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд» дар ноҳияи Б.Ғафуров | 10.01.2014 | 630015928 |
| 115 | ҶДММ «Хӯҷа ва К» | 31.03.2015 | 630017104 |
| 116 | ҶДММ «ММА» | 19.02.2001 | 630004727 |
| 117 | ҶДММ «Маҳбуба» | 28.02.2001 | 630004732 |
| 118 | ҶДММ «Зебои Зебо» | 09.02.2015 | 630017012 |
| 119 | К Ғ «Боғдорӣ ва полезкории «БАҲОР-98» | 30.07.2014 | 630016608 |
| 120 | Ассотсиатсияи наклиётии автомобилӣ мусофиркашон ва боркашони «Иттиҳодияи муассисаҳои наклиёти автомобилии вилояти Суғд» | 09.12.2009 | 630010034 |
| 121 | ИЧКВ «Суғдоб» | 13.06.2003 | 630005895 |
| 122 | НМВ Солимгардонии Касалиҳои Ҷараёни Дил дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | 29.06.2010 | 630011113 |
| 123 | Корхонаи Духтурии Меҳнат | 22.06.1999 | 630000870 |
| 124 | Иттиҳодияи Ҷамъиятии «Об барои ҳаёт» | 18.08.2004 | 630006672 |
| 125 | ИК ШҶСШК «Телеком» | 29.10.2003 | 630006197 |
| 126 | ТҶ «ШТИ оид ба рушди ноҳияи Б.Ғафуров» | 29.01.2009 | 630009219 |
| 127 | ИК УМР ГПП «Сугдводстрой» | 26.06.2001 | 630007121 |
| 128 | Ленинабадския Ф.КБ «Сомонбанк» | 16.02.1994 | 630003162 |
| 129 | ИЧ «Тодау» | 07.07.2013 | 630006252 |
| 130 | НҶДММ «Азия транс тур» дар оҳияи Б.Ғафуров | 23.07.2010 | 630011181 |
| 131 | ИММ Тоҷикистон дар ноҳияи Б.Ғафуров | 08.04.2004 | 630006512 |
| 132 | ИК ЧСП «Комрон Агро-холдинг» | 26.06.2001 | 630007100 |
| 133 | Ф «Агросевис» | 21.07.1993 | 630001448 |
| 134 | НҶДММ «Авиамир» дар ноҳияи Б.Ғафуров | 30.06.2010 | 630011134 |

| Нозироти андоз дар шаҳри Конибодом | | | |
|---|---|---|---|
| Шахсони ҳуқуқӣ | | | |
| 135 | Маркази бемориҳои пусту таносул дар шаҳри Конибодом | 24.01.2011 | 570006065 |
| 136 | ҶДММ «Ҷасурҷон» | 12.04.2013 | 570008002 |
| 137 | Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии «Маркази ҳисоби хоҷагии таҳлилию иттилоотӣ» | 19.02.2010 | 570005563 |
| 138 | Қароргоҳи ёрии таъҷилии тиббӣ дар шаҳри Конибодом | 24.01.2011 | 570006080 |
| 139 | Маркази эмтаъминкунӣ дар шаҳри Конибодом | 27.01.2011 | 570006104 |
| 140 | ҶДММ «Афсарон» | 26.04.2010 | 570005660 |
| 141 | Мактаби санъати бачагонаи шаҳри Конибодом | 25.01.2010 | 570005450 |
| 142 | ҶДММ «Экомонтаж» | 09.08.2014 | 570008745 |
| 143 | ҶДММ «Ширкати телевизион ва радиои Канд Плюс» | 14.04.2015 | 570008934 |
| 144 | Маркази ташаккули тарзи солими зиндагии шаҳри Конибодом | 18.01.2011 | 570003510 |
| 145 | Маркази солимии репродуктивии шаҳри Конибодом | 27.01.2011 | 570006115 |
| 146 | ҶДММ «Хушбахт-А» | 25.06.2015 | 570008981 |

| Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар | | | |
|---|---|---|---|
| Шахсони ҳуқуқӣ | | | |
| 147 | ҶДММ «Сафари Сафармоҳ» | 09.07.2015 | 280014629 |
| 148 | ҶДММ» Дунёи панир» | 08.07.2010 | 280010455 |
| 149 | ҶДММ « Лондэ Хайжун» | 20.10.2010 | 280010607 |
| 150 | ҶДММ «Гулиноз» | 21.10.2010 | 280010628 |
| 151 | Ҷамъияти саҳҳомии муштараки шакли пӯшидаи «Гурӯҳи маблағгузории Тоҷикистон» | 25.11.2009 | 280010163 |
| 152 | ҶДММ «ДААТ» | 24.04.2006 | 280007342 |
| 153 | Маркази таълимии хусусии барномаҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, фанҳои дақиқ ва технологияи информатсионии» Шукурзод» дар шаҳри Қӯрғонтеппа | 27.10.2010 | 280010649 |
| 154 | ҶДММ «Шаҳзода биносоз» | 03.10.2011 | 280011565 |
| 155 | ҶДММ «Трастимпэкс» | 01.03.2012 | 280011796 |
| 156 | ҶДММ « Мададгор» | 30.12.2009 | 280010208 |
| 157 | ҶДММ «Нозимҷон» | 24.06.2013 | 280013303 |
| 158 | ҶДММ «Мрамор» | 22.09.2007 | 280007413 |
| 159 | ҶДММ «Ҳамаддун К» | 19.08.2010 | 280010505 |
| 160 | ҶДММ « Барот» | 29.04.2010 | 280005352 |
| 161 | ҶДММ «Рустами карим» | 04.04.2012 | 280011851 |
| 162 | ҶДММ «Шириниҳои руҳафзо» | 10.11.2011 | 280011641 |
| 163 | ҶДММ «А Кокос» | 13.08.2010 | 280010486 |

| Нозироти андоз дар ноҳияи Айнӣ | | | |
|---|---|---|---|
| Шахсони ҳуқуқӣ | | | |
| 167 | Масҷиди ҷомеаи “Лангар” | 10.07.2002 | 520001723 |
| 168 | АМО “Вота” | 10.05.2005 | 520002046 |
| 169 | АИО “Ёвон” | 23.11.2005 | 520002088 |
| 170 | ҶСП ТҲХ “Субҳи Урметан” | 08.04.2008 | 520002537 |
| 171 | ХНИТ дар ноҳияи Айнӣ | 15.09.2003 | 520001836 |






ЭЪЛОН

**АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

бо мақсади пешгирии ҳолатҳои аз тарафи кормандони мақомоти андоз аз субъектҳои хоҷагидор беасос талаб намудани пешпардохти маблағи андозҳо, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки

**АЗ ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ АНДОЗҲОИ АЗ УҲДАДОРИИ ДАВРАИ ҲИСОБОТӢ ЗИЁД ХУДДОРӢ НАМОЕД.**

Бинобар ин, хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати муайян намудани дурустии уҳдадориҳои андозӣ доштан барои ҳар як давраи ҳисоботӣ, тибқи муқаррароти моддаи 19 Кодекси андоз бо мақомоти андози маҳалли қайди худ пайваста санади муқоисавӣ тартиб диҳед. Дар сурати аз ҷониби кормандони мақомоти андоз риоя нагардидани талаботи мазкур,

**ШУМО МЕТАВОНЕД БО РАҚАМИ ТЕЛЕФОНИИ СОДАКАРДАШУДАИ 151 ВА Ё ХАТТӢ БА КУМИТАИ АНДОЗ МУРОҶИАТ НАМОЕД.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

ОБЪЯВЛЕНИЕ

**УВАЖАЕМЫЕ НАЛОГОПЛАТЕЛЬЩИКИ!**

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**

в целях предотвращение необоснованных требований сотрудников налоговых органов об предварительной оплате налогов с налогоплательщиков, за исключением случаев предусмотренных Налоговым кодексом Республики Таджикистан, убедительно просит Вас

**ВОЗДЕРЖАТЬСЯ ОТ УПЛАТЫ ИЗЛИШНИХ НАЛОГОВ ТЕКУЩЕГО ПЕРИОДА.**

В связи с этим, в соответствии с положениями статьи 19 Налогового кодекса просим вас в целях определения правильности налоговых обязательств в каждом налоговом периоде, постоянно осуществлять налоговые акты сверки с налоговыми органами по месту налоговой регистрации. В случае несоблюдения настоящих требований со стороны сотрудников налоговых органов,

**МОЖЕТЕ ОБРАЩАТЬСЯ В КОНТАКТ – ЦЕНТР НАЛОГОВОГО КОМИТЕТА ПО ТЕЛЕФОННОМУ НОМЕРУ 151 ИЛИ ПИСЬМЕННО.**

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**

**БА ҲАМА МАЪЛУМ АСТ, КИ МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ МУХАДДИР ЯКЕ АЗ САРЧАШМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА НООРОМИҲО ДАР ҶАҲОН БА ШУМОР МЕРАВАД.**

Эмомалӣ РАҲМОН

# Нашъамандӣ - вабои аср



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 доир ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ҳамчун сарчашмаи маблағгузории терроризми байналмилалӣ ва нооромиҳо дар ҷаҳон ибрози андеша намуда, таъкид доштанд, ки мо бояд масъулияти худро дар ин самт бишиносем.

Ба ҳама маълум аст, ки муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз сарчашмаҳои маблағгузории терроризми байналмилалӣ ва нооромиҳо дар ҷаҳон ба шумор меравад.

Тибқи маълумоти расмии СММ дар соли 2017 майдони кишти зироатҳои маводи мухаддир 63 фоиз зиёд шуда, то ба 328 ҳазор гектар расидааст ва дар назар аст, ки истеҳсоли маводи мухаддир нуҳ ҳазор тоннаро дар муодили афюн ташкил хоҳад кард. Маълум аст, ташвиши роҳбарияти Олии Кишвар дар он аст, ки эҳтимоли кӯшиши интиқоли қисми муайяни ин мавод тавассути кишвари мо вуҷуд дорад.

Бешак, роҳнамоиҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт ҳар фарди ҷомеаи кишварро водор месозад, то эҳсоси масъулият намуда, дар ин масъалаи басо муҳим ва доғи рӯз бетараф набошанд. Дар ҳамбастагии тамоми сохторҳои масъул, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси бемории нашъамандӣ, мо метавонем омилҳои таъсиррасонро вобаста ба болоравии сатҳи нашъамандӣ дарёфт ва арзёбӣ намуда, ҷомеаро аз хавфи нашъамандию нашъаҷаллобӣ эмин нигаҳ дорем. Зеро бетарафӣ дар дилхоҳ умур бар зарари ҷомеа меанҷомад. Ба ҳамагон маълум аст, ки мубориза бо маводи мухаддир мушкилоти сатҳи ҷаҳонӣ мебошад ва тамоми кишварҳо ва қишрҳои ҷомеаро дар бар мегирад.

Дар айни ҳол бояд донист, ки мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир танҳо дар чаҳорчӯбаи таъмини амният ва мустаҳкам кардани сарҳад хулоса намешавад. Тавре, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамоянд, мо бояд нисбат ба тақдири кишвари ҳамсоя Афғонистон, махсусан коҳиш додани гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир бетараф набошем. Ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки дар мавриди мубориза бо омилҳое, ки дар роҳи парвариш ва коҳиши маводи мухаддир мусоидат мекунад, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ёрии беғаразонаи худро расонад.

**ТИБҚИ**

**МАЪЛУМОТИ РАСМИИ СММ ДАР СОЛИ 2017 МАЙДОНИ КИШТИ ЗИРОАТҲОИ МАВОДИ МУХАДДИР 63 ФОИЗ ЗИЁД ШУДА, ТО БА 328 ҲАЗОР ГЕКТАР РАСИДААСТ.**

## Зарарҳои беҳдоштии маводи мухаддир

Худованд бар башар эҳсон намуда, инсонро неъмати саломатӣ додаву ӯро муваззаф карда, то худро аз ҳар чизи зараровар ҳифз намояд. Чунонки Худо мефармояд:

**«...ва хештанро бо дастҳои худ ба (вартаи) ҳалокат маафканед...»** *(Сураи Бақара, ояти 195).*

Ва Паёмбари Ислом (с) фармудааст:

**«Ду неъмат ба гунае аст, ки бештари мардум ба онҳо фиреб хӯрдаанд, яке сиҳат ва саломатист ва дуввуми фароғат»** *(Саҳеҳи Бухорӣ).* Аммо на ҳама аз ин ду неъмат истифодаи лозимаро мекунанд.

## Зарарҳои иҷтимоии маводи мухаддир

Зарарҳои иҷтимоии маводи мухаддир хатарноктарини зарарҳо маҳсуб меёбанд. Зеро инҳо домонгири фард, хонавода ва ҷомеа мебошанд.

Ҳар гоҳ дар ҷомеа ин амал зиёд шавад, беморон зиёд мешаванд. Истеъмоли маводи мухаддир аз ҷониби фарде аз афроди як хонавода сабаб мегардад, ки бақияи афрод ба сӯи ин вабои хонумонсӯз кашонда шаванд, ба хусус, дар мавриде, ки дар хонавода истеъмолкунанда падар бошад. Зеро фарзандон ба ӯ тақлид карда, барпояи ахлоқи ӯ рушд мекунанд. Чунонки Паёмбари Ислом (с) фармудааст:

**«Ҳар навзод бар дини фитрӣ ба дунё меояд, боз падар ва модараш ҳастанд, ки ӯро яҳудӣ ё насронӣ ё маҷусӣ мекунанд»** *(Саҳеҳи Бухорӣ).*

## Зарарҳои маводи мухаддир аз нигоҳи ислом

Маводи мухаддир аз нигоҳи динӣ зарарҳо дорад: вақтро зоеъ ва ақлро тира месозад. Ҳар гоҳ инсон вақт ва ақлашро аз даст бидиҳад, аз анҷом додани фаъолияти рӯзонаи худ, ки ибодат аст, боз мемонад.

Мусаллам аст, ки баъзе аз анвои маводи мухаддир истеъмолкунандаро соатҳои тӯлонӣ ё чанд рӯз чунон тахти таъсир қарор медиҳад, ки таваҷҷуҳе ба ҳеҷ чиз надорад. Воқеан, Худованди мутаъол дуруст фармудааст:

**«Ҷуз ин нест, ки Шайтон мехоҳад ба сабаби хамру қимор дар миёни шумо душманӣ ва нохушӣ биандозад ва шуморо аз ёди Худо ва аз намоз боздорад. Пас оё (алҳол) шумо бозистодед?»** *(Сураи Моида, ояти 91).*

Дар ин ҳеҷ гуна шак ва тардиде вуҷуд надорад, ки мубориза байни инсон ва нахустин душмани ӯ Иблис, то қиёми қиёмат барқарор аст. Зеро Шайтони лаъин қасам хӯрдааст, ки тамоми неруяшро барои гумроҳ сохтани инсон ва дур нигоҳ доштан аз ибодати Парвардигор ва боз доштан аз саодати дунё ва охират ба кор гирад.

Чӣ тавре, ки Худованд дар ин маврид дар китоби хеш аз Шайтон хабар додааст:

Гуфт Шайтон: **«Ба сабаби он, ки маро гумроҳ кардӣ, ба роҳи рости Ту барои одамиён бинишинам»** *(Сураи Аъроф, ояти 16).*

## Пешгирии нашъамандӣ: чораҳо оид ба татбиқи стратегия

Пешгирии паҳншавии нашъамандӣ дар баробари мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз бахшҳои муҳими фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти коҳиши талабот ба маводи мухаддир маҳсуб мешавад.

Дар ин самт ҳуҷҷати калидӣ оид ба банақшагирии чорабиниҳои зарурӣ дар доираи «Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ба шумор меравад, ки ҳамкориҳои самараноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар масъалаҳои пешгирии нашъамандӣ ба роҳ мондааст.

Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки нисбати ин амал бетараф набошем, фарзандонро дар рӯҳияи солим тарбия намоем ва ҳар як фарди ҷомеа бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки дар баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум, ободонии Ватани азиз саҳмгузор бошад.

**Муслиҳиддин ХОҶАМИРОВ,**
**мутахассиси пешбари Кумитаи дин**

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ «ТИМ» (РЯМ 0210010415), воқеъ дар ноҳияи И.Сомонӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Назархуҷа» (РЯМ 1610000205) воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Нимич» (РЯМ 0810003141) воқеъ дар ноҳияи Рашт, барҳам мехӯрад.

■ Хоҷагии деҳқонии «Бобоҷон» (РЯМ 0930017871) воқеъ дар шаҳри Ҳисор, барҳам мехӯрад.

■ Хоҷагии деҳқонии «Табобидин-1» (РЯМ 0930090031) воқеъ дар шаҳри Ҳисор, барҳам мехӯрад.

■ Хоҷагии деҳқонии «Амон» (РЯМ 0930017715) воқеъ дар шаҳри Ҳисор, барҳам мехӯрад.

■ Филиали ҶДММ «Тоҷирон-1» (РМА 280013140) воқеъ дар шаҳри Бохтар, барҳам мехӯрад.

■ Филиали ҶДММ «Тоҷирон-2» (РМА 280013156) воқеъ дар шаҳри Бохтар, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи истеҳсолии «44 Чашма» (РЯМ 4210000841) воқеъ дар ноҳияи Носири Хусрав, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Субҳидам 1» (РЯМ 3410005051) воқеъ дар ноҳияи Кушониён, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Эҳсонҷон» (РЯМ 2810004048) воқеъ дар шаҳри Бохтар, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Ҳоҷи Султон» (РЯМ 3910001407) воқеъ дар шаҳри Левакант, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Музаффар-М» (РЯМ 3610002220) воқеъ дар ноҳияи Ҷайҳун, барҳам мехӯрад.

■ Ташкилоти ҷамоавии «Маркази ҷамоавии тухмии Калинин» воқеъ дар ноҳияи А.Ҷомӣ, ки дар раёсати адлияи вилояти Хатлон таҳти № ИЧ: 388 аз 09.08.2012 ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад.

■ Ташкилоти ҷамъиятии«Тоқаттеппа»-и шаҳри Кӯлоб ки дар раёсати адлияи вилояти Хатлон таҳти № ИЧ: 237 аз 08.08.2008 ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Аль Маскан» (РЯМ 0710009319) воқеъ дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Каримова Фируза (РЯМ 0330029673) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нарматов Нуровар (РЯМ 0331341157) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сайдикроми Абдуҷалол (РЯМ 0331350901) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии соҳибкори инфиродӣ Тураев Юсуфхуҷа (РЯМ 0331381206) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгири ва иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ мутааллиқ ба ҶДММ «Дидори Адолат» (РЯМ 0410025459) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба Х/Д «Тавакал» (РЯМ 0830005486) аз ноҳияи Рашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба ҶДММ «Назархуҷа» (РЯМ 1610000205) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба Х/Д «Мастона» (РЯМ 1630008839) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Назаров Кароматхуҷа (РЯМ 1630010975) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Солиев Мирсоҳиб (РЯМ 6230078663) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Баротов Умарҷон (РЯМ 6230106392) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдулҳақов Абдуҷаббор (РЯМ 6230179854) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Боқиев Наимҷон (РЯМ 6230156891) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Почоев Ҷамшед (РЯМ 6230160310) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба КИ «Аслам-80» (РЯМ 1910003664) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Зиёев Раҳматшо (РЯМ 1930025937) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қурбоналиев Сиёвуш (РЯМ 1930060807) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Усмонов Рамазон (РЯМ 1930040045) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба Х/Д «Сагиз» (РЯМ 2930039622) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба Х/Д «Бургутой» (РЯМ 2930039695) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Джалолов Шарифжон (РЯМ 3330000933) аз ноҳияи Ҷ.Балхӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Икромов Маҳмадшариф (РЯМ 2930011810) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳимов Қамариддин (РЯМ 3130016212) аз ноҳияи Хуросон, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Гурезов Додарбек (РЯМ 3530059464) аз ноҳияи А.Ҷомӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қаландаров Нажмиддин (РЯМ 3430018680) аз ноҳияи Кушониён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ибрагимов Бегиҷон (РЯМ 0530153846) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Мамадалиев Ботиралӣ (РЯМ 0730108601) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Тешаев Фирдавс (РЯМ 1830067415) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Акрами Каримхон (РЯМ 1830026367) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад

**ҶДММ «Синои Ситорабону» (РМА 040025776) аз ноҳияи Сино, сармояи оинномавиашро аз 25 000 сомонӣ кам карда ба 500 сомонӣ баробар менамояд.**

**Расидҳои шакли 3-Ф (аз № 0351001 то № 0351500), мутааллиқ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Қубодиён, бинобар гум шуданашон, бэътибор дониста шаванд.**

**Шартномаи хариду фурӯши Минтақаи истироҳатӣ аз 07 январи соли 2014 миёни Амиров Миралӣ Ашӯрович ва Оев Аброр Аҳрорович, ки онро Идораи Нотариалии давлатии ноҳияи Варзоб таҳти рақами 1дш 3 аз 7 январи соли 2014 тасдиқ кардааст, беэътибор дониста шавад.**

# Ҳисоботи аудиторони мустақил

## Ба мудирияти Филиали бонки “Тиҷорат”-и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шаҳри Душанбе

**Мо аудити ҳисоботи молиявии пешниҳоднамудаи Филиали бонки “Тиҷорат”-и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шаҳри Душанберо (минбаъд «бонк»), ки ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2017 ва ҳисоботи дахлдорро дар бораи маҷмӯи даромадҳо, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағйироти сармояи худӣ дар соле, ки дар санаи зикргардида ба итмом мерасад ва инчунин, изҳори мухтасари принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва дигар эзоҳҳо нисбати ҳисоботи молиявии мазкурро дар бар мегирад, ба итмом расонидем.**

### Масъулияти роҳбарият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявӣ

Масъулият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявии мазкур ва мувофиқати он ба талаботи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба зиммаи роҳбарияти бонк вогузор карда шудааст. Масъулияти мазкур аз таъсис додан, ҷорӣ ва дастгирӣ намудани сохтори назорати дохилӣ ҷиҳати омодасозӣ ва пешниҳоди ҳисоботи боэътимоди молиявӣ, ки дар худ таҳрифҳои ҷиддӣ дар натиҷаҳои суистифодабариҳои молиявӣ, ҳамчунин, натиҷаи хато надоранд; интихоб ва татбиқи сиёсати дахлдори баҳисобгирӣ, инчунин татбиқи баҳодиҳии муҳосибавии асоснок иборат мебошад.

### Масъулияти аудитор

Вазифаи мо аз изҳори фикру ақида ҷиҳати дуруст будани ҳисоботи молиявии мазкур дар асоси аудити гузаронидаи мо иборат мебошад. Мо аудитро мутобиқи талаботи Стандарти байналмилалии аудит ба анҷом расонидем. Стандартҳои мазкур аз мо риоя намудани меъёрҳои этикӣ, инчунин, банақшагирӣ ва гузаронидани аудитро бо мақсади бовари комил ҳосил намудан, ки ҳисоботи молиявӣ дорои таҳрифҳои ҷиддӣ намебошад, талаб менамоянд.

Аудит дар худ анҷом додани амалиётро ба гирифтани далелҳои аудити нисбати нишондиҳандаҳои шуморавӣ ва эзоҳ ба ҳисоботи молиявӣ дар бар мегирад. Интихоби амалиётҳои зарурӣ аз фикру ақидаи касбии аудитор асос меёбад, ки аз ҷумла баҳо додан ба хавфи муҳими таҳрифи ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи суистифодаи молиявӣ ё хатоҳо асос мегирад. Баҳодиҳии чунин хавфҳо, баррасии сохтори назорати дохиларо аз рӯи омодасозӣ ва дуруст будани ҳисоботи молиявӣ бо мақсади коркарди амалиёти аудитие, ки дар ҳолатҳои мазкур татбиқ мешаванд, дар бар мегирад, на бо мақсади изҳори фикру ақида нисбати самаранокии сохтори назорати дохила асос меёбад. Аудит таҳлили принсипҳои ҳисоботи муҳосибавӣ ва муҳимияти баҳодиҳиро, ки аз ҷониби роҳбарият омода шудааст, инчунин, баҳодиҳии умумиро бобати ҳисоботи молиявӣ дар бар мегирад.

Аудит дар асоси усули интихобӣ гузаронида шуд ва мо чунин меҳисобем, ки аудити гузаронида асоси кофӣ ва боэътимод барои изҳори ақидаи мо мегардад.

### Ақидаи аудитор

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда дар тамоми ҷанбаи худ вазъи ҳақиқии молиявии бонкро ба санаи 31-уми декабри соли 2017, инчунин, натиҷаҳои молиявии он ва ҳаракати воситаҳои пулиро дар тӯли соле, ки дар санаи зикргардида анҷом дода шудааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дуруст инъикос менамояд.

**ш. Душанбе, 3 апрели соли 2018**
**Директор оид ба аудити**
**ҶДММ «Консултант Аудит»**
**Мирзоев К.Р.**

**ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА ВА ЗАРАР**
ба 31 декабри соли 2017

| Моддаҳо | 2017 с. |
|---|---|
| Даромади фоизӣ | 4 038 234 |
| Хароҷоти фоизӣ | -56 181 |
| **Даромади холиси фоизӣ** | **3 982 053** |
| Даромад аз хизматрасониҳои комиссионӣ | 160 303 |
| Хароҷот аз хизматрасониҳои комиссионӣ | -32 013 |
| **Даромади холис аз хизматрасонии комиссионӣ** | **128 290** |
| Даромад аз ҳисоби амалиёт бо асъори хориҷӣ | 214 949 293 |
| Хароҷот аз ҳисоби амалиёт бо асъори хориҷӣ | -210 440 944 |
| ФПТИ аз рӯи қарзҳо | -15 781 197 |
| Даромад аз камшавии ФПТИ аз рӯи қарзҳо | 1 108 129 |
| **Ҳамагӣ даромадҳо ва хароҷоти дигар** | **-10 164 719** |
| Хароҷоти амалиётӣ | -3 388 206 |
| **Даромад то пардохти андоз аз даромад** | **-9 442 582** |
| Даромад (хароҷот) аз фаъолияти ғайриамалиётӣ | -3 157 |
| **Фоида то андозбандӣ** | **-9 445 739** |
| Хароҷот барои андоз аз даромад | -1 984 294 |
| **Фоида (зарари) холис** | **-11 430 033** |

**Раиси бонк: Кори А.**
**Сармуҳосиб: Азизмуродов Ш.Х.**

**ҲИСОБОТИ ТАВОЗУНӢ**
ба 31 декабри соли 2017

| Дороиҳои ҷорӣ | 2017 с. |
|---|---|
| Воситаҳои пулӣ дар хазина | 3 891 944 |
| Суратҳисобҳои муросилоти дар БМТ | 39 131 041 |
| Захираи ҳатмӣ дар Бонки миллии ҶТ | 222 062 |
| Ҷойгиркунии муҳлатноки воситаҳо дар дигар бонкҳои ҶТ | 0 |
| Суратҳисобҳои мукотибавии дигар бонкҳои берун аз ҶТ а\х | 282 212 812 |
| Қарзҳои додашуда ба мизоҷон | 11 482 397 |
| Фоизҳо барои гирифтан | 134 731 |
| Дороиҳои ҷории дигар | 322 549 |
| **Ҳамагӣ дороиҳои ҷорӣ** | **337 397 536** |
| **Дороиҳои дарозмуддат** | |
| Воситаҳои асосӣ | 850 578 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 210 062 |
| **Хамагӣ дороиҳои дарозмуддат** | **1 060 640** |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | **338 458 176** |
| **Уҳдадориҳои ҷорӣ** | |
| Амонатҳои мизоҷон | 3 292 025 |
| Дигар амонатҳо | 340 442 |
| Суратҳисобҳои муросилотии бонкҳои хориҷӣ - а\х | 283 118 982 |
| Барои пардохт ба ташкилотҳои ғайрибонкӣ | - |
| Фоизҳо барои пардохт | - |
| Андоз аз фоида барои пардохт | - |
| Уҳдадориҳои ҷории дигар | 1 730 |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳои ҷорӣ** | **286 753 179** |
| Уҳдадориҳои дарозмуддат | - |
| Қарзҳои дарозмуддат | - |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳои дарозмуддат** | |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳо** | **286 753 179** |
| **Сармояи худӣ** | |
| Сармояи саҳомии пардохташуда | 16 409 725 |
| Фоидаи тақсимнашуда | 34 781 842 |
| Захираҳои азнавбаҳодиҳии воситаҳои асоси | 13 430 |
| Захира аз ҳисоби фоида | 500 000 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | **51 704 997** |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳо ва сармоя** | **338 458 176** |

**Раиси бонк: Кори А.**
**Сармуҳосиб: Азизмуродов Ш.Х.**

# Аз таърихи андоз

(Аввалаш дар шумораи гузашта)

## АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ДАВРАИ ФЕОДАЛИЗМИ ПАСИН (АСРҲОИ XVIII – XX)

Дар ибтидои асри XVIII андоз то дараҷае баланд шуду деҳқонон то андозае хонавайрону муфлис гардиданд, ки ҳукумат ҷуръат намекард андозро зиёд кунад ва ё андозҳои нав ҷорӣ намояд. Дар китоби «Убайдуллоҳнома» омадааст, ки ин роҳи ба даст овардани даромадҳо барои хазина баста шуд, чунки агар он боз ҳам давом мекард, хавфи ба миён омадани шӯру исён ногузир буд.

**ДЕҲҚОНОН** НА ТАНҲО ДАР ДАВРАИ ҶАНГҲО ВА ИНЧУНИН АЗ АНДОЗҲОИ МИЁНШИКАН ХОНАХАРОБ МЕШУДАНД, БАЛКИ БА ТАВРИ ВАСЕЪ ВА ҲАРҶОНИБА АЗ БАЙН БУРДАНИ ТАРТИБОТИ ХОҶАГИДОРИИ ҶАМОАВИИ (ОБШИНАГИИ) ДЕҲҚОНӢ ИДОМА ДОШТ.

Ба хоҷагидории деҳқонӣ аз чанд ҷониб «ҳуҷум» сурат мегирифт. Деҳқонон на танҳо дар давраи ҷангҳо ва инчунин аз андозҳои миёншикан хонахароб мешуданд, балки ба таври васеъ ва ҳарҷониба аз байн бурдани тартиботи хоҷагидории ҷамоавии (обшинагии) деҳқонӣ идома дошт. Шумораи ин қабил деҳқонон ва деҳқонони иҷоракор рӯз аз рӯз кам мешуд.

Ҳунармандон низ аз ҷониби феодалҳои хурду калон ба зулму тааддӣ дучор меомаданд. Ба онҳо ва аҳли тиҷорат андозҳои вазнин, пардохтҳои гуногун, ҳадяҳо барои хонҳову амирон мебастанд. Бар асари худсарии феодалҳо ва набудани заррае кафолат ба мулки хусусиашон ҳунармандону тоҷирон аз шаҳрҳо кӯч мебастанд ва шаҳрҳо тақрибан беодам мемонданд.

## НИЗОМИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР АМОРАТИ БУХОРО

Низоми андоз ва андозбандиро дар Аморати Бухоро, дар замони ҳукмронии сулолаи Манғитиён (нимаи дуюми асриXVIII то ибтидои асри XX) мавриди таҳқиқ қарор дода гуфтан мумкин, ки амирони Бухоро давлатро молу дорои шахсии худ мешумориданд; дар сохти давлатдориашон қоидае буд, ки чун ҳақиқат дониста мешуд. Дастгоҳи марказии давлат (ҳукумат)-ро Қӯшбегӣ сарварӣ мекард. Амир ба ин вазифа яке аз хешовандони наздики худро таъин менамуд. Қӯшбегӣ аз ҳамаи корҳои давлатӣ огоҳӣ дошт: ҳама таъинот, соҳиб гардидан ба мансабҳо дар марказ ва маҳалҳо бо тавсияи ӯ сурат мегирифт. Аморат аз 27 вилоят (бекигарӣ) иборат буд. Бекҳо, қозиҳо, раисон ва муфтиҳоро худи амир таъин менамуд. Ҳукмрониҳои мансабҳо дар дохили бекигарӣ ба ихтиёри бек буд: ин мансабҳоро хешовандони бек соҳиб мешуданд.

**(Давом дорад).**

**Манбаъ: Тоҳир Исломов «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## АЗ ҲАР ХУСУС

# ТАРБУЗ



**Ҳанӯз 4000 сол пеш дар Мисри қадим тарбуз чун ғизои давобахшу нофеъ маълум буд.**

**ТАРБУЗ**
**БЕҲТАРИН ВОСИТА БАРОИ ТОЗАКУНИИ ҶИСМ АСТ.**

Он яке аз муфидтарин зироатҳои полезӣ ба шумор меравад. Миқдори қанд дар таркибаш камтар аст. Тарбуз беҳтарин восита барои тозакунии ҷисм аст. Он аз магний ғанист, норасоии магний дар бунёни одам боиси баланд шудани фишори хун мегардад. Магний дар якҷоягӣ бо калтсий фаъолияти сохтори дилу рагҳоро мӯътадил нигоҳ медорад. Ҳамчунин, магний асабро таскин дода, оромӣ мебахшад. Дар 100 грамм тарбуз 224 миллиграмм магний мавҷуд аст. Аз ин рӯ, агар кас дар як рӯз 150 грамм тарбуз истеъмол намояд, ҷисми ӯ бо меъёри шабонарӯзии ин унсури зарурӣ таъмин мегардад.

*Тарбузро воситаи беҳтарин барои давои дарди гурда мешуморанд. Дар он моддаҳои нитрогендор, витаминҳои В1, В2, С, туршиҳои фолиёвӣ, каротин, ки давои бемории қанд махсуб меёбад, мавҷуд аст. Тарбузро зимни табобати артрит, фаромӯшхотирӣ ва камхунӣ истифода низ мекунанд. Тӯлонӣ истеъмол кардани тарбуз илтиҳоби меъдаро даво мебахшад. Донаи тарбузро хушк намуда, зимистону баҳор барои табобати гурда истеъмол кардан мумкин аст.*

# Суханони ҳакимона

«Одам» чаҳор ҳарф аст, вале одам будан ҳарфи зиёдест.

ххх

Ҳаргиз касеро, ки пайваста дар ҳоли пешрафт аст, дилсард накунед, агар чӣ он пешрафт ба оҳистагӣ сурат гирад.

ххх

Тарзи сухангӯии инсонҳо баёнгари тарзи тафаккури онҳост. Мусбат биндешед ва мусбат бигӯед.

ххх

Сарнавиштиояндаи мо аз кӯшиши ҷисмии мо нест, аз тарзи фикрҳо ва дидгоҳҳои мост.

ххх

Ҷамоли инсон аз зебоии суханаш ва камоли инсон аз дурустии кораш маълум мегардад.

ххх

То адабро аз худ накунӣ, соҳиби илм нахоҳӣ шуд.

# Панди рӯзгор

**Рӯзе Луқмони Ҳаким ба писараш гуфт:**

*«Имрӯз ба ту се панд медиҳам, то комраво шавӣ. Аввал ин ки саъй кун дар зиндагӣ беҳтарин ғизои ҷаҳонро бихӯрӣ. Дувум ин ки дар беҳтарин бистар ва рахти хоби ҷаҳон бихобӣ. Савум ин ки дар беҳтарин кохҳо ва хонаҳои ҷаҳон зиндагӣ бикунӣ».*

**Писари Луқмон гуфт:**

*«Мо як хонаводаи бисёр фақир ҳастем, чӣ тавр метавонам ин корҳоро анҷом бидиҳам»?*

**Луқмон посух дод:**

*«Агар каме дертар ва камтар ғизо бихӯрӣ, таъми беҳтарин ғизои ҷаҳонро медиҳад. Агар бештар кор бикунӣ ва андак дертар бихобӣ, дар ҳар ҷое хобида бошӣ, эҳсос мекунӣ, ки беҳтарин хобгоҳи ҷаҳон аст. Ва агар бо мардум дӯстӣ бикунӣ, дар қалби онҳо ҷой мегирӣ ва он вақт беҳтарин коххову хонаҳои ҷаҳон моли туст».*

# ОЁ МЕДОНЕД?



Гарчанде ки тибқи Конститутсия забонҳои давлатӣ танҳо ҳиндӣ ва англисӣ эътироф гардида бошанд ҳам, давлати серзабонтарини дунё Ҳиндустон ба шумор меравад. Дар ин кишвар 1652 забону лаҳҷаро ба қайд гирифтаанд. Аз ин шумор 18 забон мавриди бештари истифода қарор дорад.



# Ихтирои нахустин трамвайи бесарнишин

**Нақлиёти барқии ҷамъиятии бесарнишин дар бисёр давлатҳо инкишоф ёфта, маҳбубият пайдо карда истодааст ва кишвари Чин низ аз ин рӯҳат истисно нест.**

Дар музофоти Шандун, шаҳри Синдао нахустин трамвайи бесарнишин дар ҷаҳон баровярда шуд, ки аллакай дар кӯчаҳо ҳаракат мекунад. Дар он то 380 мусофир ҷойгир шуда метавонанд, ки трамвай онҳоро бо суръати то 70 километр соат ба манзилашон бурда расонида метавонад. Дарозии трамвай 35 метр буда, паҳноияш 2,6 метрро ташкил медиҳад. Трамвай бо ёрии системаи ҳаракати интеллектуалӣ идора карда мешавад ва ин система барои мустақилона батанзимдарории суръатноки ҳаракат имкон медиҳад. Масалан, суръати ҳаракатро баланд ва ё нақлиётро нигоҳ дошта метавонад. Мутахассисон - мошинсозон мегӯянд, ки ҳоло трамвайи офаридаашон дар кӯчаҳо аз санҷиши таҷрибавӣ гузашта истодааст. Аз ин рӯ, ба наздикӣ нақлиёти барқии худидорашавандаи бесарнишин дар шакли васеъ, дар истифодаи умум қарор хоҳад гирифт.

БОҶУ ХИРОҶ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Навбатдор: Неъматулло НУРОВ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

Ҳафтанома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Тел: 2-33-08-41 *Теъдод: 28 164*